**СУҒД: РУШДИ БОСУРЪАТ ВА АФЗОИШИ СОДИРОТ** с. 8

**ХАТЛОН: 300 РӮЗИ СОЗАНДАГИВУ БУНЁДКОРӢ** с. 3

**ҚОНУНИ НАВ БАРОИ ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРОН** с. 2


# ТОҶИКИСТОН

№ 5 (1670), 4.02.26 — Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! — Оғози нашр соли 1992




# ИХРОҶУ ДЕПОРТи 36 ҲАЗОР МУҲОҶИРИ ТОҶИК АЗ РУСИЯ




**МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»**

Sebiston

*кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92*

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

**Телефони шуъбаи фурӯш:**
**(+992) 122-122-122**





**ДАР ИН ШУМОРА:**


**ГАРОНӢ**
Болоравии нархи об ва хизматрасониҳои комуналӣ с.3

**РОҒУН**
Аморот 100 млн доллар медиҳад с.5

**ЛОИҚ ШЕРАЛӢ**
Сиёсат гиребон мегирад… с.7

**«ШАҲРИ БЕХАТАР»**
Ронандагони Бохтарро низ назорат мекунад с.9

**АБДУҶАЛИЛИ АМОН:**
Худро дар “Хирад” ёфтам… с.10

**ИНСОФ**
Нигаронӣ аз нархи гӯшт с.5

**КАНЗИ ШИФО**
Омилҳои афзоиши саратон с.12

**ВАРЗИШ**
Пирӯзии Миҷгона Самадова с.15

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброаз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ҲИСОР: ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ САНОАТӢ БЕШ АЗ 362 МЛН СОМОНӢ

**Дар шаҳри Ҳисор ҳашт корхонаю коргоҳи нави истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2025 ба 362,3 миллион сомонӣ расонида шуд. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 18,5 миллион сомонӣ зиёд мебошад.**

Дар ин бора раиси шаҳри Ҳисор Ҷаббор Носирзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дода, зикр намуд, ки айни ҳол шумораи корхонаҳои саноатӣ дар шаҳр ба 120 адад расидааст. Ба гуфтаи ӯ, фазои мусоиди сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт ва густариши соҳибкорӣ нақши калидӣ дорад. Ҳоло дар шаҳри Ҳисор 5 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ гардида истодааст, ки маблағи умумии азхудшуда дар доираи онҳо зиёда аз 5,5 миллион долларро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, дар доираи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2026» 2071 лоиҳа бо маблағи умумии 1 миллиарду 970 миллиону 417 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи таҳлилҳо, то имрӯз 1118 банд пурра иҷро гардида, 366 банд мавриди татбиқ қарор дорад ва иҷрои 587 банд барои соли 2026 ба нақша гирифта шудааст. Ҷамъи умумии маблағи ҷалбгардида 1 миллиарду 344 миллиону 215 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ба 68,3 фоизи ҳаҷми умумии барнома баробар мебошад. Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Ҳисор сохтмони 1809 иншоот ба нақша гирифта шудааст.



# 703 ҶОЙИ НАВИ КОР ДАР НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

**Соли сипаришуда дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 1 миллиарду 344,8 миллион сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2024-ум 272,3 миллион сомонӣ зиёд буда, афзоиши он 120 фоиз аст.**

Раиси ноҳияи Исмоили Сомонӣ Руслан Қодирзода дар ин бора иттилоъ дода, гуфт, ки аз 102 корхонаи саноатии қайдшудаи ҳудуди ноҳия дар ин давра 58 адад ҳаҷми истеҳсолотро зиёд, 36 адад ҳаҷми истеҳсолотро кам карда, 8 адад фаъолият накардаанд. «Соли 2025 дар ҳудуди ноҳия 8 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 703 ҷойи нави кор ташкил гардид. Таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ ва ба ин васила ташкил намудани ҷойи нави кор зери таваҷҷуҳи доимӣ қарор дошта, оид ба ин масъала пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд»,- афзуд раиси ноҳия.

# 109 БИНОИ БАЛАНДОШЁНА, 23 КОРХОНА ДАР НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ

**Дар ноҳияи Фирдавсӣ 109 бинои баландошёна, 9 бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 10 муассисаи томактабӣ, 23 корхонаи саноатӣ ва 5 гулгашт бунёд карда мешавад.**

Ҳамаи инҳо бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. «Дар соли сипаришуда 909 чорабинӣ иҷро гардида, 77 фоизи нақшаи панҷсола таъмин карда шуд. Ҳамзамон аз 253 чорабинии нақшавии соли 2025 ба ҳолати 31-уми декабри соли 2025-ум 238 чорабинӣ амалӣ гардида, иҷрои нақшаи солона 94 фоизро ташкил медиҳад»,- иттилоъ дод раиси ноҳияи Фирдавсӣ Дилшод Сафарзода.

# БАРОИ ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРОН ҚОНУНИ НАВ ҚАБУЛ МЕШАВАД

**Дар Тоҷикистон қонуни нав "Дар бораи дастгирии содирот" таҳия шуда истодааст. Он ба истеҳсолкунандагони ватанӣ ҷиҳати пешбурди фурӯши молу маҳсулот ва хидматрасонӣ дар хориҷи кишвар кумак мекунад.**

Дар ин бора Баҳриддин Сироҷиддинзода, директори Агентии содироти Тоҷикистон хабар дод. Ӯ гуфт, ки "ҳадафи аслии қабули қонун бунёди заминаи ҳуқуқӣ барои кумак аз ҷониби давлат ба содироти молу маҳсулот, кор ва хидматрасониҳо мебошад. Ҳамчунин, қонун ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистон дар бозорҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст, ки ба ҷумҳурӣ барои таҳкими мавқеъ дар иқтисоди ҷаҳонӣ кумак мекунад".

Ба таъкиди номбурда, ғайр аз ин, он ба беҳтар шудани шароит барои сармоягузорон ва рушди соҳаҳои иқтисоди марбут ба содирот мусоидат мекунад.

"Дар назар аст, ки ба туфайли ин иқдом Тоҷикистон дар тиҷорати байналмилалӣ ба шарики боэътимод табдил меёбад. Бунёд ва рушди бозорҳои нав барои маҳсулоти истеҳсоли Тоҷикистон ва беҳтар сохтани зерсохтори нақлиёт ҷанбаи муҳим хоҳад шуд",- гуфт Баҳриддин Сироҷиддинзода.

## САРИ САБЗ



**Носир САИДЗОДА, раиси Кумитаи телевизион ва радио**

**- Мо ин қадар сарояндагони машҳур, садоҳои хуб дорем... Ман дақиқ мегӯям, ки ҳеҷ чиз садои сарояндагони моро иваз ё такрор карда наметавонад. Ба зеҳни сунъӣ низ оҳангсоз супориш медиҳад ва бояд ӯ ҳирфаӣ бошад, то донад, ки аз барномаи зеҳни сунъӣ чӣ мехоҳад.**

*- Ҳмм, о, оҳангсоз ҳирфаӣ ки бошад, чӣ зарурат ба истифодаи зеҳни сунъӣ мемонад? Ғайриҳирфаиҳо аз он истифода баранд ҳам, бурдан гиранд, аз ҳамон оҳангдуздиву копихониҳо беҳтар аст.*



**Умедахон ПУЛАТОВА, ҳаммуассиси мактаби "ITRUN"**

**- Давомнокии курсҳо вобаста ба мураккабии онҳо аз 3 то 6 моҳро ташкил медиҳад. Бояд бигӯем, ки аз худ кардани касб - ин раванди дуҷониба аст. Мо "автомобил"-и муосир ва харитаи роҳро медиҳем, вале пахш кардани педали газ ва рондани онро худи донишҷӯ бояд омӯзад.**

*- Ин корро ҳама карда метавонанд дия! Яке аз шартҳои бозори пуррақобат ин аст, ки ёд гирифтан аз ҷониби мактаб кафолат дода шавад, вагарна, ба ҷойи педали газ муфтро пахш карданашон мумкин аст.*



**Беҳрӯзи НАИМҶОН, сарояндаи шинохтаи тоҷик**

**- Албатта, ҳар як оҳангу тарона ба тафаккур, эҳсос ва рафтори инсон таъсир мерасонад. Таъсири он метавонад то ҳадде амиқ бошад, ки ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва ҳатто саломатии инсонро тағйир диҳад. Ҳатто дар баъзе кишварҳо ва марказҳои тиббӣ мусиқитерапия истифода мешавад.**

*- Дуруст аст. Масалан мешавад ҳолате, ки саломатии нафаре аз шунидани оҳангу таронае бад шавад. Дар ин ҳолат сарояндаи дигаре лозим аст, ки таронаҳояш барои мусиқитерапия мувофиқ оянд...*

# БОЛОРАВИИ НАРХИ ОБ ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ КОММУНАЛӢ



**Раиси Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ Ҷамшед Табарзода рӯзи 2-юми феврал дар нишасти хабарӣ гуфт, ки аз якуми январ нархи об ва хадамоти дигар барои мардум 15 ва корхонаҳо 30 дарсад афзуд.**



Тибқи қарори Ҳукумати кишвар, акнун нархи 1 метри мукааби оби нӯшокӣ барои аҳолӣ (бо ҳисобкунак) 1 сомонию 50 дирамро ташкил медиҳад. Қаблан, он 1 сомониву 30 дирам буд. Нархи рафъи обҳои партов (корез) 76 дирам барои 1 метри мукааб муайян шудааст.

Барои як нафар, дар як моҳ дар асоси меъёри истеъмол (5,4 м³) нархи оби нӯшокӣ 8 сомонию 10 дирам ва бо корез 12 сомонию 20 дирам (бе ҳисобкунаки об) мебошад.

Ҳисоб аз рӯи истеъмоли миёнаи 180 литр об дар як шабонарӯз барои як нафар анҷом дода шудааст.

Инчунин, барои корхонаҳои буҷетӣ нархи 1 метри мукааби об 3 сомонию 15 дирам (қаблан 2,77 сомонӣ буд) ва барои корхонаҳои худмаблағгузор ва хусусӣ бошад, 5 сомонию 43 дирам (қаблан 4,28 сомонӣ) муқаррар шудааст.

Дар ҳамин ҳол, таърифаҳо вобаста ба минтақаҳо фарқ мекунанд. Тибқи санади тартибдодаи Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, нархҳо вобаста ба минтақаҳо чунин аст:

**Оби нӯшокӣ**

*- оби нӯшокӣ барои аҳолӣ*

*- аз 1,40 то 1,82 сомонӣ барои 1 м³;*

*- барои ташкилотҳои буҷетӣ - аз 2,26 то 3,90 сомонӣ;*

*- барои корхонаҳо ва ташкилотҳо - аз 4,52 то 7,25 сомонӣ.*

**Хидматрасониҳои корез (канализатсия):**

*- барои аҳолӣ - аз 0,76 то 0,99 сомонӣ барои 1 м³;*

*- барои ташкилотҳои буҷетӣ - аз 1,64 то 2,05 сомонӣ барои 1 м³;*

*- барои корхонаҳо ва ташкилотҳо - аз 2,83 то 3,38 сомонӣ барои 1 м³.*

**Кашонидани партовҳо**

*Ҳамчунин, барои кашонидани партовҳои сахти маишӣ ба ҳисоби миёна 4 сомонию 74 дирам муайян шудааст. Аз ҷумла:*

*- баровардани партовҳои сахти маишӣ - 6,83 сомонӣ барои 1 м³;*

*- баровардани партовҳо бо автомашинаи "КАМАЗ" - 35,65 сомонӣ барои 1 м³;*

*- тозакунии ҳудудҳо - 1,13 сомонӣ барои 1 м²;*

*- хидматрасонии фонди манзил - 0,17 сомонӣ барои 1 м².*

Зикр мешавад, ки дар сурати зиёд гардидани масофаи муқарраршуда, барои ҳар як километри иловагӣ ба андозаи 0,80 сомонӣ ситонида мешавад.

Боло рафтани нархи об дар ҳолест, ки бахше аз сокинони Тоҷикистон аз мушкили дастрасӣ ба об нигаронӣ доранд. Сокинон дар бисёре аз деҳаҳо маҷбуранд аз дурии чанд километр ба хонаашон об кашонанд ва ё аз мошинҳо об харанд.

Мақомоти Тоҷикистон барои ҳалли мушкили об дар ҷаҳон ба Созмони Милал пешниҳодҳо фиристода, дар Душанбе чанд нишасти бузург гузаронидаанд. Бо вуҷуди ин, то ҳол беш аз 30 дарсади аҳолӣ дар дохили кишвар бо оби ошомиданӣ таъмин набудаанд.

# 300 РӮЗИ СОЗАНДАГИВУ БУНЁДКОРӢ ДАР ХАТЛОН

**3-юми феврали соли 2026 раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни ҷаласаи корӣ дар ҳошияи эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободонию созандагӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ» дар вилоят, иқдоми муҳими ҷамъиятиро таҳти унвони «300 рӯзи созандагиву бунёдкорӣ ва масъулият барои ояндаи дурахшони Ватан» эълон намуд.**



Таъкид гардид, ки соли 2026 барои мардуми Тоҷикистон соли таърихӣ буда, ҳар як шаҳрванд бояд дар ободонӣ, тозагӣ ва беҳсозии муҳити зисти худ - аз хона то маҳалла саҳми фаъол гузорад.

Дар доираи омодагӣ ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ дар вилояти Хатлон бо нишондиҳандаи 106 фоиз ичро гардида, ба ҷойи 6260 иншооти пешбинишуда 6640 иншоот сохта ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Танҳо дар соли 2025 дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 2572 иншооти гуногун ба истифода дода шуданд, ки нисбат ба нақшаи солона 2,3 баробар зиёд мебошад.

Дар идомаи ин иқдомҳои созандагӣ, дар соли 2026 бунёди зиёда аз 1500 иншооти нав, аз ҷумла муассисаҳои маориф, томактабӣ, тандурустӣ ва беш аз 80 корхонаву коргоҳи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

Дар соҳаи маориф соли гузашта 146 муассиса, аз ҷумла 110 муассисаи таълимӣ бо 1242 синфхона сохта шуда, барои беш аз 62 ҳазор хонанда дар ду баст шароити таҳсил фароҳам оварда шуд. Ҳамчунин, 32 муассисаи томактабӣ, аз ҷумла 20 боғча барои 4074 кӯдак мавриди истифода қарор гирифтанд, ки сатҳи фарогирии кӯдаконро ба 33,2 фоиз расонид.

Бо саҳми соҳибкорон ва сокинони саховатпеша 61 муассисаи таълимӣ ва 13 муассисаи томактабӣ ба маблағи умумии зиёда аз 148 миллион сомонӣ бунёд гардидааст.

Дар соҳаи тандурустӣ 41 муассиса ба маблағи 105 миллион сомонӣ, инчунин барои ҷавонон 61 иншооти варзишӣ ба маблағи 131 миллион сомонӣ сохта ба истифода дода шуданд.

Илова бар ин, соли гузашта дар вилоят 636 километр роҳҳои маҳаллӣ мумфарш ва 108 адад пул таъмиру азнавсозӣ гардиданд, ки аксари онҳо бо саҳми соҳибкорон ва аҳолӣ анҷом дода шудаанд.

Ин ҳама ташаббускорӣ ва созандагию бунёдкориҳо нишон медиҳад, ки иқдоми «300 рӯзи созандагиву бунёдкорӣ ва масъулият барои ояндаи дурахшони Ватан" метавонад ҳамчун механизми пиёда сохтани ҳадафҳои дар ростои "Соли вусъат додани корҳои созандагию бунёдкорӣ ва таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ" гузошташуда баромад намуда, вилояти Хатлонро ба як марҳалаи нави рушд ворид ва сокинони шарафманди онро ба худшиносию худогоҳии миллӣ ҳидоят намояд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Шаҳрвандон пеш аз хариди манзил метавонанд тавассути ворид шудан ба QR-код бо фаъолияти ширкатҳои биносоз шинос шаванд.**



Дар ин бора Низом Мирзозода, раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Ба иттилои раиси кумита, агар номи ширкат дар рӯйхати «сиёҳ» қарор дошта бошад, ин маънои онро дорад, ки дигар ба он ширкат набояд эътимод кард ва чунин ширкат дигар ҳақи фурӯши иншоотро надорад.

**Низоми 12-солаи таҳсил аввал ба шакли пилотӣ дар 180 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда мешавад. Ин нукта дар нишасти матбуотии вазири маориф ва илми Тоҷикистон Раҳим Саидзода садо дод.**



Раҳим Саидзода дар робита ба суоли хабарнигорон дар мавриди гузариш ба низоми 12-солаи таҳсил, ки ахиран Президенти кишвар низ ба он ишора кард, гуфт, ки "дар ин самт корбарӣ идома дорад".

"Пеш аз ҳама барои гузаштан ба низоми 12-солаи таҳсил шароит муҳайё кардан лозим аст",- гуфт вазир ва ишора кард, ки айни замон вазорат дар ин хусус мониторинг мегузаронад.

**Раиси Ширкати "Барқи тоҷик" Маҳмадумар Асозода мегӯяд, ки беҳтар шудани реҷаи таъмини барқ ба аҳолӣ дар моҳи Рамазон аз сатҳи оби обанбори "Норак" ва ҳаҷми резиши об ба дарёи Вахш вобаста аст.**



Ӯ дар нишасти матбуотӣ гуфт, бо вуҷуди ин, интиқоли барқ дар моҳи Рамазон, ки 18-уми феврал оғоз мешавад, нисбат ба ҳолати кунунӣ беҳтар хоҳад шуд. Мавсуф иттилоъ дод, ки то 3-юми феврал сатҳи оби обанбори "Норак" каме бештар аз 885 метрро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 65 сантиметр баландтар мебошад. Айни ҳол ҷараёни оби дарёи Вахш низ аз меъёри миёна бештар аст.


## Манъи сигори электронӣ дар Ӯзбекистон

**Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон воридот, содирот, фурӯш, харид ва нигоҳдории сигорҳои электронӣ ва дигар воситаҳое, ки дар онҳо никотин вуҷуд дорад, пурра манъ карда шуд.**

Ин меъёр дар қонун муқаррар шудааст, ки онро президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев охири соли 2025 имзо кард ва он аз 1-уми марти соли 2026 мавриди амал қарор мегирад. Ин мамнуият тибқи Қонун "Дар бораи маҳдуд кардани паҳншавӣ ва истеъмоли маҳсулоти спиртӣ ва тамоку" ҷорӣ шудааст. Барои риоя накардани талаботи мазкур ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мешавад. Ӯзбекистон нахустин кишвари минтақа нест, ки чунин мамнуият ҷорӣ мекунад. Қаблан Туркманистон, Қазоқистон ва Қирғизистон низ истифодаи сигорҳои электронӣ ва монанд ба онҳоро манъ карда буданд.



KUN.UZ




## Нипаҳ - хатари ҷадид ба кишварҳои ҷаҳон

**Бо хуруҷи нави вируси марговари Нипаҳ дар Ҳиндустон, чанд кишвари Осиё чораҳои пешгирӣ ва назоратро пурзӯр намуданд.**

Аз ҷумла, се кишвари Осиёи Марказӣ назорати тиббиро дар нуқтаҳои убури марз ба таври ҷиддӣ ба роҳ монданд. Вазорати тандурустии Тоҷикистон бошад, изҳор дошт, ки дар кишвар манбаи табиии паҳншавии вирус вуҷуд надорад.

Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ) вируси Нипаҳро ба даҳгонаи бемориҳои аз ҳама хатарнок, дар баробари COVID-19 ва вируси Зика дохил кардааст. Вируси Нипаҳ метавонад ба инсон аз ҳайвонот, масалан аз хукҳо ва кӯршапаракҳо гузарад. Илова бар ин, он аз инсон ба инсон низ тавассути маҳсулоти ғизоии олудашуда интиқол меёбад.

KABAR

# ИХРОҶУ ДЕПОРТИ 36 ҲАЗОР МУҲОҶИРИ ТОҶИК АЗ РУСИЯ

**Дар метрои Маскав телефонҳои мобилии мусофиронро ба таври интихобӣ тафтиш хоҳанд кард. Ин кор дар асоси фармони Вазорати нақлиёти Русия аз 4-уми феврали соли 2025 роҳандозӣ мешудааст.**




### ПУЛИС ҲАҚ ДОРАД…

Хабаргузории РБК бо истинод ба хадамоти матбуотии Метрополитени Маскав гуфтааст, ки телефонҳои мобилии мусофирон дар сурати пеш омадани зарурат ва бо ҳадафҳои амниятӣ санҷида мешаванд.

Бар асоси дастури Вазорати нақлиёт, маъмурони пулис ё кормандони метро ҳақ доранд аз мусофирон телефон талаб карда, онро фаъол кунанд ва корашро бисанҷанд.

Соҳибони телефонҳои мобилиро барои саркашӣ аз додани телефони худ ҷарима намекунанд, аммо пулис ҳақ доштааст, ки онҳоро ба метро роҳ надиҳад.

"Интерфакс" хабар додааст, ки дар даромадгоҳи истгоҳҳои метрои Маскав мисли Санкт-Петербург санҷиши телефонҳо оғоз шудааст.

Ин тасмим дар ҳолест, ки тайи солҳои охир дар нақлиёти ҷамъиятии Русия чораҳои амниятӣ шадидтар шуда, баҳсҳои зиёдеро дар мавриди дахолат ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон ба миён овардааст.

Аз муҳоҷирони тоҷик дар Маскав хостаанд, ки монеи санҷиши телефонҳояшон дар метро нашаванд.

Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон гуфт, ки аз 4-уми феврал дар Метрополитени Маскав ҳангоми зарурат, иловатан ба чораҳои амалкунандаи амнияти нақлиётӣ, санҷиши телефонҳои мобилии мусофирон метавонад татбиқ карда шавад.

Тибқи фармони Вазорати нақлиёти Русия, санҷиши дастгоҳҳои аудиоӣ ва видеоӣ, телефонҳои мобилӣ ва компютерҳои фардӣ тавассути фаъол гардонидан ва санҷиши қобилияти кории онҳо анҷом дода мешавад.

### 36 ҲАЗОР РОНДАШУДА

Вазири кору муҳоҷират дар Тоҷикистон гуфт, дар соли 2025-ум 36 ҳазор муҳоҷири тоҷик аз Русия ронда шудаанд.

Солеҳа Холмаҳмадзода рӯзи 3-юми феврал дар нишасти хабарӣ дар Душанбе сабаби ихроҷи аксари муҳоҷиронро ба поймоли қоидаи будубош дар Русия пайванд дод.

Ӯ афзуд: "Саривақт ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани патент пешниҳод намекунанд. Тартиби пешбинишударо риоя намекунанд".

Дар гузашта муҳоҷирони тоҷик борҳо аз амалиёти мақомоти Русия ва бедалел ронда шуданашон аз қаламрави ин кишвар шикоят кардаанд.

Дар ин миён сардори Хадамоти муҳоҷират, як идораи тобеи Вазорати меҳнати Тоҷикистон пофишорӣ дорад, ки аксари онҳо аз фурудгоҳҳои Русия ва бо сабабҳои гуногун ба Тоҷикистон баргардонида шудаанд. Ин афрод ба фарқ аз ихроҷшудаҳо метавонистаанд дубора билет гиранду "боз ба ягон шаҳри дигари Русия сафар кунанд".

Ба иддаои ӯ, омори муҳоҷирони ихроҷшудаи тоҷик аз Русия 11 ҳазор буда, боқимонда аз марзу фурудгоҳҳои Русия бозпас фиристода шудаанд.

Аз ин пеш мақомоти интизомии Русия гуфта буданд, ки "дар 11 моҳи соли 2025 аз қаламрави Русия 54,4 ҳазор хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандиро берун рондаанд".

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030 таҳия ва тасдиқ гардид. Дар он афзалият ва самтҳои асосии рушди донишгоҳ барои давраи миёнамуҳлат муайян шудаанд.**



Дар ин бора ректори донишгоҳ Бобоҷон Сатторзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Ба иттилои ӯ, ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз рӯйи 60 ихтисос мутахассисони соҳаи молия ва иқтисодро омода менамояд.

**Дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров барои муҳаққиқоне, ки рисолаи номзадӣ ва докториро ҳимоя мекунанд, мукофотпулӣ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, барои ҳимояи рисолаи номзадӣ 5 ҳазор сомонӣ ва барои ҳимояи рисолаи докторӣ 10 ҳазор сомонӣ пардохт мегардад.**



Ҳамчунин, устодоне, ки шогирдонашон рисолаи номзадӣ ҳимоя менамоянд, бо 5 ҳазор сомонӣ ва барои ҳимояи рисолаи докторӣ бо 10 ҳазор сомонӣ қадршиносӣ карда мешаванд.

Дар ин бора ректори донишгоҳ Мирзотоҳир Набизода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

**Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон Солеҳа Холмаҳмадзода гуфт, ки ҷараёни тафтиши куштори Қобилҷон Алиев, навраси 10-солаи тоҷик дар вилояти Маскав зери назорати намояндагии ин ниҳод дар Русия қарор дорад.**



Вазир дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, ки аҳли оилаи навраси кушташуда вакили дифоъ гирифтаанд ва корҳои тафтишотӣ идома доранд. Ба гуфтаи ӯ, намояндагии вазорат дар Русия аз ҷараёни тафтишот бохабар аст.

«Намояндагии мо дар Русия дар ҷараёни корҳои тафтишотӣ қарор дорад. Мо дахолат карда наметавонем, аммо назорат мекунем»,-гуфт Холмаҳмадзода.

*Монолог*

# ИНСОФ



**Аз гӯштфурӯше пурсидам:**
**- Инсоф дорӣ?**
**Гуфт:**
**- Не, ман фақат гӯшт мефурӯшам.**

Ҷаноби Хоҷаев, ин латифаест кӯтоҳ, вале маънии муҳиму сара дорад. Гӯяндаи он ҳаҷвнигори ширинсухан Холиқназар Ҷумъазода аст.

Аммо, пеш аз ҳама, инсоф чист? Инсоф ҳамон чизест, ки ту, ӯ, онҳо, ман дар рафтори худ бармекашем ва онро дар нисбати чанд нафар ва ё табақае дар фикр баррасӣ мекунему масъулем аз рӯйи натиҷаи фикрамон амал намоем.

Инсоф аввалан аз синаи мо бармехезад ва таъсири мусбату манфияш ҳам ба мо мерасад ва ҳам ба атроф. Яъне, чун меъёри инсоф дар миён аст, мо набояд мусаллат ва мутамарказ ба ядро, ба як нуқта бошем. Мо масъулем заррачаҳои атрофи ядроро низ ба инобат бигирем ва чунон пазироӣ намоем, ки онҳо бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Вақте чунин пазироиро дошта бошем, ҳадди ақал имкон нахоҳем дод "гӯштфурӯш"-и Холиқназар Ҷумъазода гӯшташро бо ҳар нархи кироиву нокиро бифурӯшад ва боз ба нафаре, ки бо ӯ баробарвазн асту баробараш ҳақи бархӯрдорӣ аз неъматҳои баробараризишро дорад.

Ин албатта таҳдид нест. Ин илҳоҳ, хоҳишест, ки ману шумо ҳамеша бояд дар пайаш бошем, то насли инсон аз ҳамдигар адолату ростиро пинҳон накунанд ва ба таври шоиставу боиста амал намоянд.

Аммо, намешавад ҷаноби Ҷумъазодаро ҳам мазбут бигрифт ва талаб кард, ки посухи навиштаашро шарҳ диҳад ва ё аз баҳраш бигзарад. Зеро, гуфтаи ӯ ишораи рӯзмарра аст ва ҳамаи мо чунин саҳнаро ҳар рӯз, ҳадди ақал, вақте ба бозор меравем, мушоҳида мекунем.

Дур намеравем, растаи картошкафурӯшҳоро пеши назар меорем. Агар аҳамият дода бошӣ, савдогарон рӯйи ғурфаҳояшон картошкаро чунон боҳунарона мечинанд, ки дидан замон об мешавӣ. Вале, вақте фармоиш додӣ, аз пушт, аз "паси парда" бароят картошкае бармекашанд, ки ҳангу мангат меканад...

Ҳамин ҳоло як лаҳза ба хотирам омад, дӯстам Хоҷаев. Лаҳза марбут боз ҳам ба бозору бозорӣ кардан аст. Аммо, қабл аз он, ки ба тасвири лаҳза пардозам, бояд зикр намоям, меъёри вуҷуди як нафар инсон набояд танҳо бо дарназардошти он чӣ баркашида шавад, ки мо бо чашм мебинем. Гоҳ-гоҳ чашми дилу хирадро ҳам бояд ба кор бурд!...

Акнун таваҷҷуҳ намо!

Рӯзи на гарм ва на сарди токатфрсост. Ҳаво муътадил аст, аммо сим-сим борон меборад. Шоҳид мешавам, ки чор писарча ҳамроҳ, бо як роҳ, ба як сӯй роҳ мепаймоянд. Се нафар бозиву ханда доранд. Як нафар дар ду даст покети сиёҳ дорад, пур аз пиёз, сабзӣ, картошка... Шояд чанд чизи дигар, аммо на гӯшт!!!

Изтироб ва нанг мани бандаи гандаро домангир мешавад. Оҳ, охир, чаро он шарикон ба ӯ ёрмандӣ намекунанд? Магар дар ин дунё ӯ барои онҳо ва онҳо барои ӯ офарида нашудаанд? Ақлам намерасад ба ташхиси ин ҳолат.

Мегӯям: "Додари ҷон, ёрдам кунам?". Мегӯяд: "Раҳмат ако, кувватам мерасад"... Ман ӯро зуд, бе ягон далелу шарҳу исбот мефаҳмам ва мефахрам...

Ва бо худ мегӯям: "Аҳсан, ки бо ин ҷисми кӯчаку ғурури бузург бори зиндагиро бар дӯш кашида ва мардона аст"...

Акнун боз дар бораи гӯшт. Чун баҳсаш боз доғ шудаву ҳатто то садри ниҳоди асосии масъули кишоварзӣ сахт расидааст.

**Қурбон Ҳакимзода, вазири кишоварзии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотии рӯзи 29-уми январ савдогаронеро, ки гӯштро гарон мефурӯшанд, "ҷаллоб" номид.**

Акнун боз дар бораи гӯшт. Чун баҳсаш боз доғ шудаву ҳатто то садри ниҳоди асосии масъули кишоварзӣ сахт расидааст.

Ӯ гуфт, ки барои ба эътидол овардани нархи гӯшт бояд дастаҷамъона кор кард. **"Айни замон нархи гӯшти воридотӣ 75-77 сомонӣ ва дар ярмаркаҳо аз 65 то 70 сомониро ташкил медиҳад.**

Бисёре аз ҷаллобон, узр барои истифодаи чунин калима, баҳри фоидаи худ беасос нархҳоро боло мебаранд. Нарх вобаста ба вазъи биологӣ ва ҷисмонии чорво аз 50 то 54 сомонӣ, вале баъд гӯштро бо нархи 110-115 сомонӣ мефурӯшанд. Ин ҷо ҳам бояд инсоф бошад охир? Мо доимо аз арзишҳои исломӣ, ҳаҷ ҳарф мезанем, лекин маҳз дар моҳи Рамазон ва дигар иду маросим бархе нархҳоро боло мебаранд...",- зикр кард вазир.

Ман фикр мекунам, ки ҷаноби вазир набояд барои истифодаи калимаи "ҷаллоб" узрхоҳӣ намояд, рафиқ Хоҷаев, чун вокуниши солим аст. Моҳи шарифи Рамазон наздик аст ва боварӣ дорам, ки ба ҳамаашон набошад ҳам, ба қисме аз савдогарони ҷаллоб эътирози ӯ таъсир кардаву вичдонашон меҷунбад.



**Фазлиддин АСОЗОДА**

## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Корхонаи маъдантозакунии "Адрасмон" воқеъ дар шаҳри Гулистон баъди беш аз 15 соли таваққуф эҳтимол моҳи сентябри соли равон дубора ба фаъолият оғоз кунад.**



Раиси шаҳри Гулистон Илҳом Пӯлодзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод, ки барои аз нав ба кор даровардани ин корхонаи бузурги саноатӣ сармоягузор пайдо шудааст.

Илҳом Пӯлодзода таъкид кард, ки "Адрасмон" яке аз калонтарин корхонаҳои маъдантозакунӣ дар минтақа ба ҳисоб рафта, ба кор даромадани он метавонад ба рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Гулистон ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат намояд.

**Соли 2025 дар Тоҷикистон 23 ҳазору 452 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, нисбат ба соли 2024-ум (22314 ҷиноят) 1 ҳазору 138 ҳолат бештар мебошад.**



Тибқи иттилои Зафар Самад, директори Агентии муборизаи мубориза бо маводи мухаддири кишвар, ки дар нишасти матбуотӣ садо дод, соли гузашта 1 ҳазору 3 ҷиноят ба хариду фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор рост меояд. Ин шумора 4 фоизи ҳамаи ҷиноятҳои содиршударо ташкил дода, нисбат ба соли 2024-ум 164 ҳолат бештар мебошад.

**Раиси Шурои уламои Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода пешниҳод кард, ки дар кишвар Идораи вақф таъсис дода шавад. Ба гуфтаи ӯ, ин ниҳод метавонад корҳои хайриявии шаҳрвандонро танзим ва ҳамоҳанг созад.**



Ин пешниҳод дар нишасти хабарии Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросим садо дод. Саидмукаррам Абдулқодирзода таъкид намуд, ки дар бисёре аз кишварҳои исломӣ ва ҳатто ғайриисломӣ чунин ниҳодҳо фаъолият доранд.Ӯ ёдовар шуд, ки то Инқилоби сурх дар Тоҷикистон низ идораи вақф вуҷуд дошт.

# 100 МЛН ДОЛЛАР БАРОИ «РОҒУН»

**Фонди Абу-Забии Амороти Муттаҳидаи Арабӣ барои сохтмони нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" 100,0 млн доллар ҷудо мекунад. Созишномаи молиявӣ миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва бонки мазкурро рӯзи 4-уми феврал Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон ва Муҳаммад Сайф, раҳбари Фонди Абу-Забӣ дар шаҳри Дубай имзо кардаанд.**

"Маблағи созишномаи мазкур 100,0 млн доллари амрикоиро ташкил дода, ҳадафи асосии он пешбурди корҳои сохтмонӣ ва инфрасохторӣ дар Лоти 2-и лоиҳаи стратегии кишвар - Нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" мебошад",- хабар медиҳад Вазорати молияи Тоҷикистон.

Ин маблағ бо кадом шартҳо ҷудо мегардад, маълум нест.

Сомонаи Pressa.tj ин мавзуро пайгирӣ хоҳад кард. Pressa.tj ва саҳифаҳои онро дар шабакаҳои иҷтимоӣ пайгирӣ намоед.



## *Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Донишҷӯёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур таҷрибаомӯзӣ ва пешаздипломии худро дар корхонаҳои пешқадами ҷумҳурӣ мегузаронанд.**



Ректори донишгоҳ Усмон Маҳмадёрзода зимни нишасти матбуотӣ зикр кард, ки таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад донишҳои назариявиро амалӣ кунанд, малакаи касбиро такмил диҳанд ва бо касби ояндаи худ аз наздик шинос шаванд. Қисме аз донишҷӯён пас аз таҷрибаомӯзӣ ба кор ҷалб мешаванд.

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо Консорсиуми донишгоҳҳои Британияи Кабир (NCUK) созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонид.**



Ректори донишгоҳ Убайдулло Асрорзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки Консорсиуми NCUK зиёда аз 70 донишгоҳи пешрафтаи Британияи Кабир ва дигар кишварҳои ҷаҳон, инчунин 110 маркази омӯзиширо аз 35 кишвари дунё муттаҳид менамояд. Ин ҳамкорӣ имкониятҳои нави таълимӣ ва академиро барои донишҷӯён ва омӯзгорони донишгоҳ фароҳам меорад.

**Дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Маркази «Низоми байналмилалии арзёбии омӯзиши забони тоҷикӣ» таъсис дода мешавад.**



Тавре ректори донишгоҳ Жило Гулназарзода зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод, маркази мазкур бо такя ба таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ, аз ҷумла низомҳои маъруфи арзёбии забон чун «TOEFL», «IELTS», «ТРКИ» ва дигар стандартҳои эътирофшуда фаъолият хоҳад кард.

### АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

# МУЛОҚОТ БО МАСЪУД

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

Муҳробиддин гуфт: “Баъдҳо, ки дид шумо бо Молик (сарпарасти гурӯҳ) чой менӯшед, ба ӯ гуфта буд: “Ба чӣ ҳақ бо русҳо гарм гирифтааст?”. Молик низ гуфта буд: “Кадом рус?! Инҳо рус нестанд, онҳо дӯстони ғарбии мо ҳастанд, ки барои кумак ба нерӯҳои ҷиҳодӣ ба ин ҷо омадаанд”. Метавонам ба шумо бигӯям, ки яке он фармондеҳ дар ҷояш хушк шуд.



Муҳробуддин инро гуфт ва аз ханда таркид; ӯ фикр мекард он чӣ гуфтааст, бисёр хандадор аст. Ман ҳанӯз ҳам ба он достон фикр мекунам, ки оё ҳақиқат дошт ё не. Ӯ бо ин достон ваҳшатро ба дили ман андохт; мумкин буд пеш аз он ки коре анҷом диҳем, парвандаи аъмоламон баста шавад. Фардои он рӯз аз хоб бедор шудем, пиёлае чой ва тикае нон хӯрдем ва охирин марҳалаи сафари худро оғоз кардем. Як рӯзи зебои офтобӣ, бо ҳавое, ки ҷон медод барои пиёдаравӣ. Чашмандози сода ва беолоиш муқобили чашмонамон буд, ки маро ба ёди кӯҳҳои Алп дар Швейтсария андохт: марғзорҳое, ки зироатҳояшон наздики расидан ҳастанд ва дар миёни деворҳои сарбафалаккашидаи дара, якдаст канори ҳам қарор гирифтаанд ва чаманзорҳои сабзу хуррам, ки чашмонамонро навозиш мекарданд. Дар имтидоди ҷараёни хурӯшони рӯд, ки бахше аз системи обёрӣ буд, ки оби мавриди ниёзи куллии дараро таъмин мекард ва русҳо барои тахрибаш барномарезӣ карда буданд. Канолҳои обёрӣ мил ба мил аз болодасти рӯд оғоз ва кулли дараро пӯшиш медоданд. Шоҳкоре дар зоҳир сода аз муҳандисӣ буд. Сохтори ҳандасии дара, дар канори абъоди фалсафии инсоншинохтӣ, муҳити мувофиқе барои аҳлӣ кардани табиат фароҳам сохта буд.

Дар ҳошияи дара низ ин мардум як системи обёрии кӯчак ва корбурдиро эҷод карда буданд. Барои як соат дар тӯли яке аз каналҳо қадам задем; оби зулол ва таҷаллии нури Хуршед дар он сеҳрангез буд. Шамими гулҳои коснӣ дар ҳошияи канал масхкунанда буд. Бо он ки сӣ сол аз таҳсили ман дар риштаи забони олмонӣ мегузашт, аммо бино ба далоиле - ритми қадамҳо, зебоии табиат, оромиши субҳгоҳии дара ва бештар аз ҳама гулҳои обиранги камёб - он субҳгоҳ маро ба ёди вожагоне фаромӯшнашуданӣ андохт: «Гулҳои обӣ» дар сурудаҳои ошиқонаи Гёте, Ҳайне ва ҳамасронашон. Ин ки чаро олмониҳо «гули оби»-ро ошиқона мепиндоштанд, ба хотир намеоварам; аммо ман тасмим гирифтам гули обии дараро (фикр намекунам дар ҳеҷ ҷои ҷаҳон табиати чунин зебо дида бошам) унвони намоди муқовимати Афғонистон бигирам.

Фикр кардан ба Гёте маро ба ёди ашъори ошиқонаи даврони ҷавониаш андохт: «Хуш омадед ва Худо ҳофиз»; шеърест, ки ҳаяҷони як робитаи ошиқонаи ҷавони маъсумро тавсиф мекунад ва бетобии қаҳрамони шеър аз дидори маъшуқ. Дар ҳоле ки барои дидор маъшуқ рӯйи абрҳо роҳ мерафт «бо суръати як асп». Таснифи дилангези Гёте бо номи «Гули кӯчак дар мазраъа», ки Франтс Шуберт бар он оҳанги ошиқонае эҷод карда; Дитрих Фишер низ оҳанг ва таронаи онро танзим карда, асаре мондагор ба ҷомеаи башарӣ тақдим кард. Дар ҳоле ки дар канори канал гом бармедоштам, ҳамаи инҳо дар зеҳнам мегузаштанд ва садои об ба гунаи ҳайратангез тамоми вуҷудамро фаро гирифта буд. Пас аз хуруҷ аз канол, ба муддати се то чор соат дар канори рӯдхона ҳаракат кардем, то ин ки ҳаволии баъд аз зухр ба деҳаи «Тембана» дар наздикии дара, андаке қабл аз Панҷшер, расидем. Дар он ҷо моро ба мазраъае бурданд, ки мутааллиқ ба чанд бародаре буд, ки дар корвон ҳамроҳи мо буданд. Онҳо ба забони олмонӣ сухан мегуфтанд, кутҳои чармӣ ба бар тан доштанд, ки қатъан дар Ғарб харида ва монанди бисёре аз ҷавонони афғони ҳамасрашон маҳви шахсияти хоризматики Масъуд ба хона бозгашта буданд. Ба мо гуфта буданд, Масъуд инҷост ва мо имрӯз ё фардо метавонем бо ӯ мулоқот кунем. Дар ҳамин ҳангом моро ба зери сояи дарахти тути кӯҳансоле бурданд, ки зери он фарш ва кӯсон паҳн карда буданд. Мо ташаккур карда нишастем. Афғонҳо ҳатто дар замони ҷанг низ ба одоби меҳмоннавозии худ пойбанд буданд; бо чойи сабз ва чойи сабзи ширин, ки барои ман монанди эксири ҷавонӣ буд, аз мо пазироӣ карданд. Мо тамоми рӯз роҳ рафта будем ва ба таври ваҳшатнок гурусна, ташна ва хаста будем. Афғонҳо метавонанд тамоми рӯз ва дар сурати лозим тамоми шаб роҳ раванд ва нишонае аз хастагӣ дар онҳо намебинед, аммо ин сафар фаротар аз тавони мо буд, ё беҳтар аст бигӯям, беш аз тавони ман буд. Дар кӯсоне, ки барои ман гузошта буданд, фурӯ рафтам ва чойи сабзро нӯшидам. Дар он лаҳза фикр мекардам, агар ин ҷо биҳишт нест, пас қатъан марҳалае болотар аз он аст: «Саодат».

Баъд аз намоз чароғи нафтӣ равшан шуд ва бо шоми содае пазироӣ шудем. То ҳудуди соати даҳи шаб ҳеҷ хабаре аз Масъуд набуд. Кисаҳои хобамонро боз кардем ва дар ҳоле ки гӯшамон ба садои ҷараёни об буд, ба ситораҳои осмон хира шудем, гарде аз тило дар сиёҳии шаб. Ҳамеша ин бахши рӯзро бисёр дӯст медоштам, махсусан агар пас аз як пиёдаравии тоқатфарсо бошад.

Субҳи рӯзи баъд соати 7:30, ҳангоме ки мунтазири чой нишаста будем, аз пушти дарахтҳо сарусадои зиёде баланд шуд. Ман ба тарафи садо баргаштам, гурӯҳе аз мардонро дидам, ки ба сӯи мо меомаданд. Раҳбарии онҳоро марди ҷавони варзидае бо сурати шабеҳи шоҳин ба уҳда дошт, ки кулоҳи пакулаш ӯро аз дигарон мутафовит мекард. Бо як ҳаяҷони васфнашаванда Масъудро шинохтам, марде, ки ними ҷаҳонро барои дидори ӯ тай карда будам. Ӯ бо либоси хокӣ ва чакмаҳои низомии русӣ ором, аммо мутмаин ба сӯи мо гом бармедошт. Дар нишебиҳо андаке сарашро ба пеш хам мекард ва ҳамроҳонаш низ ба ҳамон оромӣ ӯро машойиат мекарданд. Ҳеҷ муҳофизе вуҷуд надошт, ҳеҷ нерӯи амниятии ошкоре дида намешуд. Албатта, мо дар дили Панҷшер будем ва ба суннати дерин ҳеҷ музоҳиме тавони вуруд ба онро надошт.

**(Давом дорад)**

Лоиқ Шералӣ:

# СИЁСАТ АЗ ГИРЕБОН МЕГИРАД...

*Мусоҳибаи номатбуъ бо устод Лоиқ*

**Гузашти айём саҳифаҳои рӯзгори моро ба фаромӯшхонаи таърих мебарад. Бо тақозои замон нафароне пайдо мешаванд, ки нақши қадам ва эъҷози қалами шахсиятҳои бузургро меҷӯянд, ба аҳволу осори онҳо аз нигоҳи имрӯз арзиш дода, маҳсули дастранҷи эшонро барои пасовандон чун маводи нав пешниҳод мекунанд. Ҳангоми ҷустуҷӯ аз Сарраёсати кулли бойгонии назди Ҳукумати Тоҷикистон тасодуфан муҳовараи нависанда Абдурофеъ Рабизодаро бо устод Лоиқ Шералӣ пайдо намудем. Азбаски он дар рӯзҳои барои миллати мо ҳассос ва сарнавиштсоз - оғози низои дохилӣ, дар таърихи 8-уми сентябри соли 1992, соати 22:20 зери унвони «Сиёсат аз гиребон мегирад» тавассути шабакаи аввали радиои Тоҷикистон садо дода, ба мавзуҳои муҳим ва мушаххас рӯшанӣ меандозад, лозим донистем матни онро рӯи сафҳа орем. Вобаста ба вазъи замон гоҳе устод рӯи эҳсосот мераванд, гоҳе сахтгӯй мекунанд, боке нест, муҳим он аст, ки муҳовара сухани нав, андешаи тоза ва афкори созанда дорад. Забони радио вижагии ба худ хос дорад, нисбатан озод аст, ба забони омма наздик ва сода аст, бинобар ин, матни муҳовараро ба пешвози 85-солагии мавлуди шоир ба таври фишурда бо таҳрири забонӣ пешкаш менамоем.**



**САВОЛ: Шумо шоиред, яъне иншогари шеър. Бигӯед, ки шоир кист ва шеър чист?**

**ЛОИҚ**: Намедонам то кучое шоир ҳастам. Агар қиёс кунем бо Фирдавсию Мавлавию Ҳофиз, мо шоир нестем. Ҳарчанд мардум заррае ба шеъри мо рӯ овардаанд, ин ҳам хушбахтӣ аст, ки дар як пораи вақт як хизмате агар карда бошем. Дар боби таърифи шеър ҳаминро бояд бигӯям, ки шеър ҳанӯз як таърифи махсус ва муайяне дар ҷаҳон надорад. Ҳар кас аз даричаи худаш баён мекунад ва таъриф месозад. Ҳарчанд Ризо Бароҳанӣ бисёр сайъ мекунад ба шеър таърифе бидиҳад, аммо ин ҳам нисбист. Ҳарчанд дар забоншиносӣ исм, сифат, феъл таърифе доранд, шеър таърифи муайяни худро ҳанӯз пайдо накарда. Аммо шеър - ман ҳам то ҷое метавонам ба нисбат мегӯям - як равзанае ҳаст, ки шоир ба зиндагӣ аз он дарича менигарад ва аз зиндагӣ ҳарчи мушоҳидаи шоиронае бармедорад, ба шеър мекӯчонад - албатта, бо ҷаҳони хосаи худаш ва бармегардонад ба зиндагӣ ва худи мардум. Ва рисолати шеъру шоирӣ ин аст, ки дар ҷаҳон зебоиву накӯӣ бештар бошад, инсонҳо инсонтар шаванд, ошиқҳо ошиқтар шаванд, накӯкорҳо накӯтар шаванд ва мардуме, ки барои зиндагӣ ҷоннисорӣ мекунанд, номашон дар саҳфаи таърих, ё дар саҳфаи ақаллан шеърҳое, ки ҳамон шоир дар замони худаш мегӯяд, бимонад ва умуман рисолати шоир рисолати накӯкорӣ ва парвариши зебоист.

**САВОЛ: Ҳар шоир дар кадом мақоме набошад, нек аст, кабир аст, ё сағир, ӯ шеър азёд мекунад. Мегӯянд, ки шеър иншо кардан мисли тавлиди фарзанд, чордард дорад. Лек боз мегӯянд, ки барои Лоиқ шеър иншо кардан, бисёр осон аст, мисли чашма илҳомаш ҷӯш мезанаду шеърҳои равонаш рӯи саҳфа меоянд.**

**ЛОИҚ**: Чордард не, мумкин ҳазордард дошта бошад эҷоди шеър. То ин ки як рубоӣ ва ё дубайтиро ба қолаб мезанед, чӣ қадар мушоҳидаҳо ва сӯхтану гудохтанҳои ботинӣ ҳастанд ва мисле, ки занбӯри асал аз гулҳо гулшараҳоро ҷамъ мекунад ва намедонам аз чӣ қадар гулҳо ва чанд километр парвоз мекунад, барои он, ки як зарра асал бисозад ва коми моро ширин кунад, шеър низ ҳамин тур эҷод мешавад. Барои як дубайтӣ ё рубоӣ одам чӣ қадар бояд мушоҳида кунад ва ун мушоҳидаҳоро дар як қолаби бисёр кӯтоҳ ва муъҷази шеър бирезад ва одамоне, ки аз дур мегӯянд, ки гӯё ман ба осонӣ шеър менависам, шояд дар рӯи коғаз овардани шеър барои ман осон бошад. Аммо то ба рӯи коғаз овардан, аз чӣ ҷодаҳо, аз чӣ шебу фарозҳо гузаштани маро ҳеҷ кас намедонад. Ва баъзан, худи ман ҳам намедонам.

**САВОЛ: Ин азобҳои шуморо мо дар шеъратон эҳсос намекунем. Шеъри шумо барои мо равон аст. Ҳатто оромибахш. Ё шояд дар ҷое, ки шоир бештар азоб мекашад, хонанда оромише меёбад.**

**ЛОИҚ**: Умуман равонӣ ҳам воқеан, чанд омилҳое дорад. Якум, аз донистани саноати шеър. Ё аз донистани забон, ё донистани воситаҳои тасвир ва ҳам интихоби кадом вазн, интихоби вожаҳо, масалан, интихоби тандисаҳо ва дигар мояҳои шеър. Ҳамаашро ҷамъ карда, баъд ба қолаб мерезад. Ин як ҷараёни аллакай гузашта аст. Шумо фақат чизи омодаро дар шакли як рубоӣ ё ғазал, ё шеър мебинед. Бинобар ин ман намегӯям, ки ҳама шеърҳои ман равон ҳастанд. Шеърҳои бисёр пурсактаву пурғалат низ ҳастанд, хусусан вақте ки шеърҳои моро, ба расмулхати форсӣ мегардонем, сактаҳо он ҷо маълум мешаванд. Дар хати сирилик сактаҳои мо маълум нест. Масалан, дар калимаҳои «ишқ», «умр» мо бо «ӯ» шуруъ мекунем ё «и». Вақте ба форсӣ мегардонем «ъишк» ва «ъумр» бояд навишт, он вақт миси мо мебарояд.

**САВОЛ: Бо вуҷуди ин, басо хонандагону форсизабон, хоса форсизабонони Марврӯд, аз миёни китобҳои шумо, басо шеърҳои сарае меёбад, ки мақбули дилу фитрати вай аст, онро дар ҳар нишасте вирди забон дорад, дуруст медорад. Лек фаҳмидан мехоҳем, ки барои худи шумо, барои чопгарони ин шеърҳо мақбултарин шеър кадом аст?**

**ЛОИҚ**: Суоли душвор аст ва ман бояд андеша кунам, шеърҳои хуб ҳоло бояд кам бошанд. Хуб, инро ҳам вақте ба тарозуи қиёс мегузорем, шояд аз ягон ҷиҳат хуб бошанд, аммо гар боз ҳам аз назари шеъри оламӣ нигоҳ кунем, ман худам қазоват кунам, имрӯз бояд аз баҳри ними шеърҳоям бигзарам. Ин шеърҳое, ки аллакай мурдаанд ва бегӯру кафан мурдаанд. Ягон ҷо нишонашон нест. Шеърҳое, ки ҳамон рӯз гуфта шудаанд, ба истилоҳе «явмия» мегӯянд, ҳамон рӯз агар хизмат карда бошанд, кардаанд, вагарна мурдаанд... Хуб, гурӯҳи дигари шеърҳо ҳастанд, як даста шеърҳо, шеърҳое, ки дар онҳо дардҳои умумибашарӣ, арзишҳои умумиинсонӣ аз мавзуҳои ҷовидонӣ ҳастанд, ишқу гузашти умру дардҳои инсон, сӯзҳои инсон, ғаму шодии инсон, фоҷиаи инсон, ишқҳои хушбахтонаю бадбахтона ва ғайра ва ҳоказо, ки ман ҳоло наметавонам, ба ростӣ, шояд аз ҷониби ман хоксорӣ ҳам нашавад, ки гӯям, ки фалон шеърам шеъри хуб аст. Бигзор хонандагон қазоват кунанд.

**САВОЛ: Ҳар як падару модар фарзанди дӯстдоштае дорад, миёни фарзандони зиёдаш. Бо вуҷуди ин, шеъри дӯстдоштаи шумо, миёни шеърҳои зиёдатон буда метавонад...**

**ЛОИҚ**: Ҳоли ҳозир душвор аст гуфтан, ки фалон шеърам хуб аст. Маъзарат мехоҳам.

**САВОЛ: Дар шеърҳои шумо табиат мафҳуми зинда аст. Шумо бо дарё ҳарф мезанед, бо кӯҳҳо баҳс мекунед, замину осмон ба сухан меояд...**

**ЛОИҚ**: Хуб, инсон дар табиат ва табиат дар инсон аст. Ҳар кадоми мо инсони сағир ҳастем ё кайҳони сағир ҳастем дар таркиби кайҳони бузург. Ва ҳама дарёҳову кӯҳҳову ин боронҳову ин сабзаҳо ҳама дар мо ҳастанд, дар табиати ҳар яки мо хоса ин сабзаҳо ҳама дар мо ҳастанд, дар табиати ҳар яки мо ҳастанд ва берун аз мо низ ҳастанд, мисли он ки мо зинда ҳастем, дарё ҳам, як ҷисми зиндае ҳаст, ки ҳамеша дар такопӯ ҳаст, мисли як инсон ва баъзеш меравад дар биёбонҳо гум мешавад, баъзеш меравад ба укёнусҳо мерасад, мисли як инсоне, ки ҳар якеаш нақшаҳои бузург доранд, вале як қисмаш дар нимароҳ мемирад, шояд бо айби дигаре ё хосту қонуни зиндагӣ ва дигараш пеш меравад.

**САВОЛ: Бо забони шеъри шумо гӯем:**

*Хурад мавҷе сари мавҷи дигарро,*
*Вале дарё равон асту равон аст.*

**ЛОИҚ**: Ҳо, дар ин ҷо як қонунбандии мантиқии табиат низ ҳаст. Мисле, ки як инсон мемирад, мурдани вай давоми зиндагии инсони дигар аст. Мавҷ сари мавҷеро мехӯраду вале дарё ҳамоно пеш меравад.

**САВОЛ: Бузургтарин офаридаи табиат аз ин ду чиро бештар хуш доред: ҷинси латиф ё шеъри нобро?**

**ЛОИҚ**: Бузургтарин офаридаи табиат, албатта инсон аст. Тоҷи сари ҳама офаринишҳо ва ба қавли Мавлавӣ, «Сандуқчаи асрори илоҳӣ моем». Модом, ки инсон тоҷи сари офаринишҳо бошад, духтар ҳам ки инсон аст, ин ҳам тоҷи сари офаринишҳо аст ва шеър аз ун бармеояд. Шеър баъд аст, баъди инсон, яъне шеър аллакай офаридаи инсон аст.

**САВОЛ: Мансуби духтару шеър дар эҷоди шумо Варзобдара аст...**

**ЛОИҚ**: Бале.

*Варзоб, ки ҳар гаҳ дар он варзад ишқ,*
*Бо бодаи нобу ёри ноёб хуш аст.*

Воқеан, агар дар Душанбе водии Варзоб набошад, на фақат барои як мани шоири бечора, балки барои тамоми Душанбе, дар ин чанд моҳи тамуз, ки ҳавои бисёр касифи шаҳр моро нафасгардон мекунад, ҷойи гурез надоштем. Ин аз назари фақат ҷисмонӣ ва равонӣ. Аз назаре, ки инсон боз як ҳаволагоҳе низ дошта бошад, дар табиат, як гӯшае дошта бошад. Вақте ман ба Варзоб меравам, гоҳ танҳо, гоҳ бо касе, ҳамеша руҳам пок мешавад, ман бо дарё хомӯш суҳбат мекунам, чунки дарё аз ман гӯётар ва равонтар суҳбат мекунад, ман гапҳои дарё, таронаҳои дарёро гӯш мекунам ва ҷойе агар тавонистам, ба шеър мекӯчонам, ҷойе натавонистам, аз кӯтаҳии худам иқрор мекунам... Дарё худашро, ҳар лаҳза, ҳар дақиқа, худашро муттаҳҳар мекунад ва мегӯянд, ки агар об се ғел занад, ҳалол аст, мо ҳам бояд аз дарё биомӯзем, чӣ тур ҳар лаҳза, ҳар дақиқа, дар ҳар қадам худамонро пок бисозем...

**(Давом дорад)**

**Таҳияи Саидмуроди ХОҶАЗОД**

# РУШДИ БОСУРЪАТ, КОРХОНАҲОИ НАВ ВА АФЗОИШИ СОДИРОТ

## Гузориш аз нишасти матбуотии раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода



**3-юми феврали соли 2026 дар Кохи фарҳанги ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ нишасти матбуотии раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзода баргузор гардид. Раҷаб Аҳмадзода дар оғози нишасти матбуотӣ таъкид кард, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ҳамкориро бо воситаҳои ахбори омма дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қонунгузории кишвар роҳандозӣ намуда, бобати таҳкими робитаи давлат ва ҷомеа ва ташаккули афкори солими ҷамъиятӣ пайваста корбарӣ менамояд.**



Сипас роҳбари вилоят доир ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят дар соли 2025 маълумот дод. Чуноне таъкид гардид, дар натиҷа нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди минтақа (маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ) дар соли 2025 ба 49 миллиарду 107,3 миллион сомонӣ ва суръати афзоиш ба 108,3 фоиз баробар гардида, ҳиссаи он дар нишондиҳандаи кӯтоҳмуҳлати рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ба 27,8 фоиз расонида шуд.

Дар соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят ба 39 миллиарду 146,4 миллион сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли қаблӣ суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо ба 123,5 фоиз таъмин гардид.

Дар ин давра теъдоди корхонаю коргоҳҳои саноатии вилоят ба 1316 адад баробар гашта, истеҳсоли маҳсулот дар корхонаю коргоҳҳои саноатии вилоят ба 265 номгӯй расид.

Ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 ба истифода додани 140 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ пешбинӣ гардида, дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар миқёси вилоят 146 корхонаву коргоҳи нав бо 1497 ҷойи нави корӣ ба фаъолият шуруъ намуд.

Соли 2025 кишоварзони вилоят ҷиҳати рушди соҳа тадбирҳои судманд андешиданд, ки дар натиҷа дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят ба маблағи зиёда аз 25,9 миллиард сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шуда, суръати афзоиш 111 фоиз таъмин гардид. Аз ҷумла, соли 2025 пахтакорони вилоят 118 ҳазору 658,4 тонна “тилои сафед” ҷамъоварӣ намуданд, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 1,4 баробар зиёд мебошад.



Дар вилоят истеҳсоли сабзавот 722,7 ҳазор тонна, аз ҷумла пиёз 215,2 ҳазор тонна, картошка 743,6 ҳазор тонна, полезиҳо 173,4 ҳазор тонна, мевагиҳо 278,6 ҳазор тонна, аз ҷумла зардолу 187,2 ҳазор тонна ва себ 58 ҳазор тонна, ангур 63,7 ҳазор тонна ва зироатҳои хӯроки чорво ба 579,1 ҳазор воҳиди хӯрока баробар гардида, нисбат ба соли 2024-ум суръати афзоиши истеҳсоли сабзавот 105,2 фоиз, аз ҷумла пиёз 104,4 фоиз, картошка 112,9 фоиз, мевагиҳо 109,7 фоиз, аз ҷумла зардолу 107,1 фоиз ва себ 112,3 фоиз, ангур 101,6 фоиз ва зироатҳои хӯроки чорво 106,1 фоизро ташкил намудааст.

Истеҳсоли гӯшти чорвою паранда бо вазни зинда 105,6 ҳазор тонна, аз ҷумла гӯшти паранда 24 ҳазор тонна, моҳӣ 1142,4 тонна, шир 333,3 ҳазор тонна, тухм 927,9 млн дона, асал 1068,3 тонна, пилла 65,7 тонна ва пашм 1747,8 тоннаро ташкил намуда, суръати афзоиши гӯшти чорвою паранда 113,8 фоиз, аз ҷумла гӯшти паранда 125,6 фоиз, моҳӣ 112,7 фоиз, шир 107,1 фоиз, тухм 120,7 фоиз ва пашм 102,9 фоиз таъмин шудааст.

Дар соли 2025 бо мақсади таъмини аҳолии камбизати вилоят бо маводи озуқа ва танзими нархҳои бозори истеъмолӣ 52 маротиба дар шаҳрҳои саноатии вилоят ярмарка-фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ гузаронида шуд.

Ҳамзамон, бо мақсади беҳтар намудани вазъи обрасонӣ ва таъмини фаъолияти мунтазам дар соли 2025 аз ҳисоби буҷети вилоят 2,9 миллион сомонӣ, аз ҷумла ба шаҳру ноҳияҳои Зафаробод 1,5 миллион сомонӣ, Мастчоҳ 700,0 ҳазор сомонӣ ва Ашт 700,0 ҳазор сомонӣ маблағ равона карда шуд.

Дар соли 2025 баҳри сохтмони иншооти соҳаҳои иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ тадбирҳо андешида шуда, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба маблағи наздики 1,7 миллиард сомонӣ фондҳои асосӣ ба истифода дода шуда, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба маблағи 4 миллиарду 229,5 миллион сомонӣ равона шуда, суръати афзоиш 137,7 фоиз таъмин гардид.

Дар вилоят барои истиқболи сазовори ҷашни фархундаи миллат - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд, таъмиру азнавсозии 12 ҳазор иншооти таъиноти истеҳсолию иҷтимоӣ ба нақша гирифта шуда буд. То имрӯз 12 ҳазору 729 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, иҷрои нақша пеш аз муҳлат ва барзиёд таъмин гардид.

Дар соли сипаришуда соҳаи нақлиёти вилоят мунтазам фаъолият намуда, тавассути маҷмӯи нақлиёт 48,4 миллион тонна борҳои гуногун ва 310,6 миллион нафар мусофирон кашонида шудаанд, ки мутаносибан 116,8 ва 106,4 фоизро ташкил намудааст.

Дар соли 2025 аз ҷониби роҳсозони вилоят 2951 километр роҳҳо аз таъмир бароварда шуд, ки аз он 865 километр таъмири асосӣ ва мумфарш, дар 1254 километр таъмири ҷорӣ ва 832 километр шағалпӯш карда шуд.

Аз ҳисоби буҷети вилоят ба ин самт 50,1 миллион сомонӣ ҷудо карда шуда, 34,5 километр роҳ аз таъмири асосӣ бароварда шуд.

Ҳаҷми умумии гардиши савдо дар соли 2025 ба 20,8 миллиард сомонӣ ва суръати афзоиш нисбат ба соли қаблӣ 103,7 фоиз ва ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба 5,8 миллиард сомонӣ баробар шуда, суръати афзоиш нисбат ба соли 2024-ум 108,8 фоизро ташкил намуд.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии вилоят дар соли 2025 бори аввал ба маблағи 4,5 миллиард доллар баробар шуда, нисбат ба соли 2024-ум ба андозаи 37,5 фоиз зиёд гардид. Ҳаҷми воридот 2 миллиарду 839 миллион доллярро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ ба маблағи 568,4 миллион доллар ё худ 25 фоиз афзудааст. Содироти маҳсулот аз вилоят дар соли сипаришуда бори аввал ба маблағи 1 милларду 705,3 миллион доллар расонида шуда, суръати афзоиш 164,8 фоиз таъмин гардидааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 670,4 миллион доллар зиёд мебошад.

Баҳри фароҳам овардани муҳити мусоиди инвеститсионӣ дар доираи ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ корҳои муайян ба сомон расонида шуда, ба иқтисодиёти вилоят ба маблағи умумии зиёда аз 840 миллион доллари амрикоӣ сармоягузории ватанию хориҷӣ ҷалб гардидааст. Дар ин марҳила воридоти сармояи мустақим ба маблағи 187,3 миллион доллар ва ҳар гуна сармоягузориҳо ба маблағи 421,2 миллион доллар ба соҳаҳои иқтисодиёти вилоят равона гардидааст.

Нақшаи даромади буҷети давлатӣ бе назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар соли гузашта 106,5 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 6 миллиарду 177,3 миллион сомонӣ ворид карда шуд, ки аз нақша 374,9 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2025 нақшаи воридоти маблағ ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа 1 миллиарду 474,7 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои нақша 1 милларду 592,8 миллион сомонӣ таъмин карда шуд, ки баробари 108 фоизи нақша мебошад.

Иҷрои нақшаи воридоти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ бошад, ба андозаи 111,9 фо-

из таъмин гардида, ба буҷет 882,9 миллион сомонӣ маблағ ворид гардид, ки нисбат ба нақшаи солона 94,1 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2025 талаботи нафақа ва кумакпулиҳо ба маблағи 1 миллиарду 498,9 миллион сомонӣ муайян гардида, пурра ва саривақт пардохт карда шудааст.

Таваҷҷуҳ ба соҳаҳои иҷтимоӣ бештар гардида, ба соҳаҳои маориф 2 миллиарду 333,2 миллион сомонӣ, тандурустӣ 1 миллиарду 104 миллион сомонӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 28,3 миллион сомонӣ, фарҳангу варзиш 239,4 миллион сомонӣ, дар маҷмуъ, 3 миллиарду 704,9 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ равона гардид, ки 86,3 фоизи хароҷоти умумии буҷети маҳаллии вилоятро ташкил медиҳад.

Дар соли 2025 дар вилоят 85 иншооти соҳаи маориф бо 20843 ҷойи нишаст дар ду баст, аз ҷумла дар назди 58 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ 301 синфхона бо 16985 ҷойи нишаст дар ду баст, 6 толори варзишӣ, 8 майдончаи варзишӣ ва 27 бинои муассисаи таҳсилоти томактабӣ бо 3855 ҷой бунёд ва таъмиру азнавсозӣ гардида, мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар ин давра сохтмон ва таъмиру азнавсозии 101 иншооти соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла бунёди 15 иншоот ва таъмиру азнавсозии 86 иншоот ба нақша гирифта шуда, пурра ичро гардид.

Бо мақсади бехтар намудани таъминнокии муассисаҳои тиббӣ бо лавозимоту таҷҳизоти тиббӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1397 таҷҳизот ба маблағи умумии 41,9 млн сомонӣ харидорӣ ва ба муассисаҳои тиббии вилоят дастрас гардиданд.

Дар вилоят 42 ширкати сайёҳӣ ва 2 ташкилоти ҷамъиятӣ дар соҳа фаъолият мебаранд. Дар вилоят 210 хатсайри сайёҳӣ бо фарогирии тамоми мавзеъҳои сайёҳӣ ташкил карда шуда, 97 субъекти хизматрасонии сайёҳӣ фаъолият мебаранд. Соли сипаришуда ба вилоят зиёда аз 1,3 миллион нафар шаҳрвандони хориҷӣ ташриф овардаанд.

Қайд карда шуд, ки бо талошҳои пайвастаи мардуми заҳматписанд диёри азизи мо - Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯз ба рӯз ободу сарсабз гардида, дастовардҳои назаррас дар тамоми бахшҳои ҳаёти ҷомеа ба назар мерасанд. Дар ин раванд аҳамияти махсус ба сазовор истиқбол гирифтани ҷашни фархундаи миллат - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуда, корҳои ободониву созандагӣ бомаром идома доранд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Суғд**

# «ШАҲРИ БЕХАТАР» ДАР БОХТАР



**Дар шаҳри Бохтар - маркази маъмурии вилояти Хатлон ба насби дурбинҳои “Шаҳри бехатар” оғоз кардаанд.**

Абдулмаҷид Муминзод, шаҳрдори Бохтар дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки аллакай насби дурбинҳо барои "Шаҳри бехатар" шуруъ гардидааст. Ӯ мегӯяд, ки анҷомёбии ин иқдом то як сол идома хоҳад кард.

“Танбашавии нақлиёт дар вақтҳои муайян дар роҳҳои мошингард мушоҳида шуда истодааст, ки ин мушкилӣ аст. Чароғакҳои шаҳри Бохтар ҳам аз сабаби солҳои зиёд фаъолият кардан фарсуда шудаанд. Дар ҳамкорӣ бо соҳибкорон чароғакҳои муосир ворид карда ва пурра дар ҷойҳои лозима гузошта мешаванд",- таъкид кард вай.

“Шаҳри бехатар” барои ҷорӣ намудани назорати ҳаракати воситаҳои нақлиёт, низоми идоракунии видеоӣ, васли тачҳизоти видеоӣ барои нақлиёти кормандони милитсия ва дигар тадбирҳои бехатарӣ дар шаҳри Бохтар пешбинӣ шудааст.

# ИҶРОИ БАРЗИЁДИ НАҚШАИ АНДОЗ



**Соли 2025 нақшаи андоз дар вилояти Хатлон беш аз 103 дарсад таъмин карда шуд. Аз ҳисоби барзиёд иҷро кардани нақша ба буҷет бештар аз 96 миллион сомонӣ ворид гардидааст.**

Ҷурабеки Ҷумъа, сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки нақша дар соли 2025-ум 3 миллиарду 152 миллиону 800 ҳазор сомониро ташкил мекард. Ӯ афзуд, ки бо бештар вохӯрӣ кардан бо андозсупорандагон нақша 103,1 дарсад иҷро шуд, ки нисбати соли 2024-ум 503 миллион сомонӣ бештар ворид шудааст.

“Дар соли 2025 нисбат ба нақшаи андоз 92 миллиону 200 ҳазор сомонӣ барзиёд ба буҷет ворид шудааст. Иҷрои барзиёди нақша бо бештар кардани суҳбату вохӯрӣ бо андозсупорандагон ва пайдо кардани манбаҳои нави андоз алоқаманд мебошад”,- таъкид кард вай.

# ДУ КӮДАКИСТОНИ НАВ ДАР ЛЕВАКАНТ



**Дар шаҳри Левакант сохтмони ду муассисаи томактабӣ оғоз гардидааст. Ин нукта 4-уми феврал зимни нишасти матбуотии раиси шаҳр зикр шуд.**

Мастура Муминзода, шаҳрдори Левакант иброз дошт, ки дар нишасти хабарии ҷамъбасти шашмоҳаи аввали соли 2025 рӯзномаи «Тоҷикистон» масъалаи фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабиро матраҳ намуда буд. Ба гуфтаи ӯ, ҷиҳати фарогирии бештари кӯдакон ба кӯдакистонҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

Тибқи иттилои раис, айни замон дар шаҳр сохтмони ду муассисаи томактабӣ оғоз ёфтааст, ки яке барои қабули 100 кӯдак ва дигаре барои 50 нафар пешбинӣ шудааст.

Ҳоло дар шаҳри Левакант 4 муассисаи томактабӣ ва дар назди 17 муассисаи таълимӣ Марказҳои инкишофи барвақтии кӯдак фаъолият доранд, ки дар маҷмуъ 2 ҳазору 800 кӯдак фаро гирифта шудаанд. Сатҳи фарогирии кӯдакон ба кӯдакистонҳо дар шаҳр 34 дарсадро ташкил медиҳад.

# 75 ДАСТОВАРД ДАР ЯК СОЛ



**Ҳоло шумораи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии Данғара 8701 нафар буда, аз ин 4619 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 4082 нафар дар шуъбаҳои фосилавӣ ва ғоибона таҳсил менамоянд.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ, профессор Шукрулло Хайрзода иттилоъ дод. Зимнан, ӯ бо ифтихор аз 75 дастоварди муҳими донишгоҳ дар соли 2025 ёдовар шуда, муҳимтарини онҳоро номбар намуд.

Гузоштани санги асос барои бунёди хонаҳои истиқоматии омӯзгорон бо иштироки Пешвои миллат, пирӯзиҳои донишҷӯён ва омӯзгорон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ, болоравии маоши кормандон, ворид гардидани донишгоҳ ба низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо, дастовардҳои назарраси илмӣ, нашри китобҳо ва монографияҳо, ҳимояи рисолаҳо, татбиқи лоиҳаҳои илмӣ-фармоишӣ бо маблағгузории назаррас ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ бо донишгоҳҳои Чин ва Қатар аз ҷумлаи дастовардҳои соли сипаришуда номида шуд.

# БЕШ АЗ 23 ҲАЗОР ДОНИШҶӮ ДАР ДДБ



**Ҳоло дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 9 шаҳрванди хориҷӣ ба таҳсили фосилавӣ фаро гирифта шудаанд. Онҳо шаҳрвандони Ӯзбекистон ва Туркманистон мебошанд.**

Маҳмадалӣ Қурбонзода, ректори донишгоҳ зимни нишасти хабарӣ иброз дошт, ки айни ҳол 506 нафар донишҷӯ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил доранд. Ҳамзамон, 10 донишҷӯи дигар гирандаи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ба гуфтаи ӯ, феълан шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ беш аз 23 ҳазор нафарро ташкил дода, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав яке аз калонтарин муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

Ректор ҳамчунин қайд кард, ки донишгоҳ дорои 45 кафедра буда, дар он 680 омӯзгор фаъолият мекунанд. Аз ҷумла, 2 академик, 24 доктори илм, 213 номзади илм ва 441 ассистент фаъолият дошта, ҳиссаи омӯзгорони унвондор зиёда аз 35 фоизро ташкил медиҳад.

# 285 МИЛЛИОН СОМОНӢ ҚАРЗИ ОБУ БАРҚ



**Раёсати давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ дар вилояти Хатлон аз ҳақи истифодаи барқ беш аз 74 миллион сомонӣ қарздор аст. Ин дар ҳолест, ки қарзи ҳақи хизмати обрасонӣ зиёда аз 211 миллион сомониро ташкил медиҳад.**

Иззатулло Хоҷазода, сардори раёсати мазкур дар нишасти хабарӣ гуфт, ки пардохти ҳақи хизмати обрасонӣ дар соли 2025 беш аз 41 миллиону 903 ҳазор сомониро ташкил дод. Феълан бақияи қарз зиёда аз 211 миллиону 450 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ба таъкиди вай, сабаби қарздорӣ аз нозироти андоз ва нерӯи барқ пурра пардохт нагардидани ҳақи истифодаи хизмати обрасонӣ мебошад.

Ҳамзамон, идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ дар вилояти Хатлон аз ҳақи истифодаи нерӯи барқ 74 миллиону 167 ҳазору 400 сомонӣ қарздоранд. Бақияи қарз аз нозироти андоз бошад, наздики 33 миллиону 330 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Абдуҷалили Амон:

# ХУДРО ДАР «ХИРАД» ЁФТАМ

**Абдуҷалили Амон, ки то чанд сол пеш дар майдони рӯзноманигорӣ фаъолият мекард, ахиран ба кори тарҷума ва нашри осори серхонандаи ҷаҳонӣ рӯ овардааст. Марказе, ки ӯ бо ҳамкорон бо номи «Хирад» таъсис додаанд, имрӯз миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа маҳбубияти хос пайдо намудааст. Китобҳои нашркардаи ин марказ бо самимият ва таваҷҷуҳи зиёд мутолиа мешаванд ва бисёре аз хонандагон онҳоро на танҳо мехонанд, балки ҳамчун роҳнамо дар зиндагӣ ва фаъолияти касбии худ истифода мебаранд. Бо Абдуҷалили Амон суҳбате анҷом додем, ки нукоти асосии онро манзури шумо мегардонем.**



## ХУДАМРО НАЁФТАМ…

**- Акаи Абдуҷалил, шумо як муддат дар майдони рӯзноманигорӣ фаъолияти назаррас доштед. Аммо баъдтар ногаҳон аз ин фазо канор рафта, ба таъсиси як марказ рӯ овардед. Сабаби ин тағйир чӣ буд? Ҳадаф аз иваз кардани масири касбӣ ва шахсӣ дар чӣ ифода меёфт?**

- Пеш аз ҳама, арзи салом, сипос ва эҳтиром ба шумо ва ҳамаи хонандагони арҷманд. Пеш аз таъсиси маркази «Хирад», чанд марҳилаи кориро тачриба кардам. Нахуст дар Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик фаъолият доштам. Яке аз корҳои барои ман бисёр арзишманд дар он ҷо баргардонии китоби машҳури «Таърихи Табарӣ» буд, ки ҷилди ҳаштуми онро баргардон кардам... Баъдан, солҳои тӯлонӣ дар мачаллаи «Бонувони Тоҷикистон» фаъолият кардам ва тачрибаи ҷиддии журналистиро аз устодони хушном андӯхтам. Соли 2017, пас аз ҳимояи рисолаи номзадӣ, зери роҳбарии адабиётшиноси шинохтаи тоҷик устод Абдухолиқ Набавӣ, тасмим гирифтам дар самти илм ва таҳқиқ қадамҳои устувортар гузорам. Ба ҳамин хотир, як муддат дар Институти Аврупо ва Осиёи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва баъдан дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ кор кардам. Бо идораи фарҳанги Радиои Тоҷикистон ва телевизиони «Сафина» ҳамкорӣ кардам. Яъне худро қариб дар ҳама самтҳо санҷидам.

Тонни Ринер, қаҳрамони машҳури ҷаҳонии дзюдо боре гуфта буд: «Пеш аз он ки ба дзюдо биёям, чандин риштаи варзиширо санҷидам. Ҳар ҷо талош кардам, аммо эҳсос мекардам, ки он ҷо ҷои ман нест. Танҳо вақте ба дзюдо қадам гузоштам, фаҳмидам: ин ҳамон роҳест, ки ман бояд дар он бошам. Ин ҷо ман худро ёфтам».

Пас аз ин ҳама тачрибаҳо ба хулосае омадам, ки бояд аз корҳои пароканда худро канор гирифта, тамаркузро ба як самт равона созам. Ният доштам ҷиддан барои ҳимояи рисолаи докторӣ омода шавам ва зиндагии худро ба андеша ва таҳқиқ пайванд диҳам.

Рӯзе, ҳангоми пажӯҳиш дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, аз ҷониби дӯстам, ки медонист танҳо ба пажӯҳиш машғулам, барои ҳамкорӣ бо ширкати «Коиноти нав» даъват шудам. Бо роҳбарияти ширкат дар симои соҳибкори хушном ва муваффақи кишвар Зафар Мирзо суҳбат кардем. Он кас пешниҳод карданд марказеро бо номи «Хирад» таъсис дихем, ки мардумро дубора ба китобу китобхонӣ ошно ва дилбастатар гардонад. Мо бо камоли майл ин пешниҳодро қабул намудем. Ва маҳз бо дастгирии эшон дар замони бухрони китобхонӣ ва нашри китоб, мо ба майдон баромадем. На барои исботи чизе, балки барои эҳё кардани як одати ҳамидаи инсонӣ: дӯст доштани китоб. Имрӯз «Хирад» на танҳо як марказ, балки як андеша ва як ҳаракат аст, ҳаракате, ки нишон медиҳад китоб ҳамоно метавонад зиндагиро дигар кунад, агар ба он бо ихлос рӯ оварем.

## ВАҚТЕ, КИ МАРО АЗ ДОНИШГОҲ ХОРИҶ КАРДАНД…

**- Бештари одамон то замоне ки воқеае ҷиддӣ дар зиндагияшон рух надиҳад, ба шинохти амиқи худ ва роҳи зиндагӣ намерасанд. Шумо низ, ки имрӯз ҳамчун як шахси муваффақ шинохта мешавед ва роҳи пурпечутоберо паси сар кардаед, мехостам бипурсам: лаҳзаи воқеии шинохти худ дар зиндагии шумо кай фаро расид?**

- Саволи бисёр ҷолиб ва дардошно аст. Кайҳо боз мехостам маҳз ҳамин посухро дар як навор бо бинандагон дар миён гузорам. Аммо имрӯз онро ба шумо мегӯям. Тағйироти воқеӣ ва амиқе, ки дар ботини ман рух дод, он лаҳзае оғоз ёфт, ки маро аз донишгоҳ хориҷ карданд. Барои бисёриҳо чунин воқеа метавонад поёни роҳ бошад, шикаст бошад. Аммо барои ман, ҳарчанд дар аввал бисёр сахт буд, ба оғози як бедорӣ табдил ёфт.

Он рӯз ман бори аввал маҷбур шудам бо худ ростқавл бошам: бипурсам, ки ман кистам, чӣ мехоҳам ва чаро то имрӯз чунин зиндагӣ кардаам? Ҳама чизе, ки пеш аз он ба назар устувор менамуд, якбора фурӯ рехт. Яъне ҳифзи комили “Гулистон”-и С. Шерозӣ ва девони Ҳофиз, ки айёми мактабхонӣ ҳифз карда будам. Ва маҳз дар ҳамин фурӯрезӣ, аз нав сохтани худро оғоз кардам.

Он ҳодиса ба ман омӯхт, ки шикаст ҳамеша нишонаи нотавонӣ нест, баъзан он даъватест барои бозгашт ба худ. Аз ҳамон рӯз сар карда, ман ба зиндагӣ на ҳамчун як роҳе, ки бояд танҳо «дуруст» тай шавад, балки ҳамчун як мактаби бедорӣ ва худшиносӣ нигаристанро омӯхтам.

**- Чаро шуморо хориҷ карданд?**

- Ҳодисае буд, ки то имрӯз ҳам бароям пурсишбарангез мемонад. Он сол айёми имтиҳонҳои гузариш чун имрӯза, аз як нимсола ба нимсолаи дигар буд. Ман ба зодгоҳ рафта будам ва ҳангоми бозгашт ба шаҳр ҳодисаи ғайричашмдошт рух дод: тарма роҳро баст. Мо ду рӯз пурра дар ағба мондем, на роҳи бозгашт буд ва на имкони пеш рафтан.

Вақте роҳ кушода шуду ба шаҳр расидем, имтиҳон аллакай ҷамъбаст шуда буд. Дар он замон ҳарчанд талош кардам, аммо ҳеҷ гуна роҳ ё имкони барқарорсозӣ вуҷуд надошт. Ҳамин тавр, қарор бар он шуд, ки бояд соли дигар омада таҳсилро идома диҳам.

Соле, ки расман хориҷ шуда будам, барои ман ба як соли тамоман дигаргункунанда табдил ёфт. Он як солро пурра дар Китобхонаи онвақтаи Фирдавсӣ сипарӣ кардам. Субҳ мерафтам китобхона, ҳамон ҷо назди китобхона чойхона буд, наҳор мехӯрдам ва то бегоҳ ба мутолиа машғул мешудам. Метавонам бо итминон бигӯям: он сол яке аз бобарортарин солҳои зиндагии ман буд, маҳз ҳамон соле, ки аз донишгоҳ хориҷ шуда будам.

Албатта, намехоҳам бигӯям, ки хориҷ шудан хуб аст (механдад). Аммо ҳамин «баҳона»-и хориҷ шудан ба ман таконе дод, ки ҷаҳонбинии ботиниам куллан дигар шавад. То он замон мутолиаи ман асосан ба адабиёти классикиву муосири тоҷик маҳдуд мешуд. Пас аз он ҳодиса, оҳиста-оҳиста дари дунёи адабиёти Ғарб ба рӯям боз шуд. А. Камю, Ф. Кафка, Ж. П. Сарт, Ошо, Ҷ. Х. Ҷуброн ва дигарон.

**ОН СОЛ БА МАН ОМӮХТ, КИ БАЪЗАН РОҲҲОЕ, КИ БА НАЗАРИ МО БАСТА МЕШАВАНД, ДАР АСЛ МОРО БА РОҲҲОИ АМИҚТАРУ ВАСЕЪТАР МЕБАРАНД, ТАНҲО БОЯД ҶУРЪАТИ ИСТОДАН, ХОНДАН ВА БОЗБИНӢ КАРДАНИ ХУДРО ДОШТА БОШЕМ.**

## ЁД НАДОРАМ, КИ КАЙ КОР КАРДААМ

- Аз тавлиди маркази «Хирад» пурсидан мехостам. Оё ин марказ воқеан дар як заминаи комилан холӣ ба вуҷуд омад ё пешзаминае дошт?

- Бале, метавон гуфт, ки «Хирад» қариб аз ҳеҷ оғоз шуд, аз як орзу ва як бовар. Никола Тесла як андешаи бисёр ҷолиб дорад дар бораи эфир. Ҳамон гуна ки мавҷҳои ноаёни эфириро мо дар телевизион мебинем, ба назари ӯ мағзи инсон низ як навъ «эфир» дорад. Яъне инсон метавонад пеш аз он ки чизе дар воқеият шакл бигирад, онро дар зеҳни худ бубинад. Инро метавон «назарияи эфир»-и тафаккур номид.

Ман «Хирад»-ро маҳз ҳамин гуна дар эфири зеҳни худ медидам: на ҳамчун як маркази одӣ, балки ҳамчун як фазои фикр, китоб ва тағйири ҷаҳонбинӣ. Медонистам, ки ин кор ҳатман амалӣ мешавад, аммо на бо осонӣ. Бо заҳмат, бо машаққат, бо сабр ва устуворӣ.

Аммо росташро гӯям, ман аз ин роҳ лаззат мебарам. Ин заҳмат маро хаста намекунад, баръакс, ба ман нерӯ мебахшад. Бовар мекунед ё не, дар тӯли 6-7 соли фаъолият дар ин ҷо, ман ҳатто як бор ҳам ба рухсатии меҳнатӣ набаромадаам. На аз он сабаб, ки мачбур будам, балки аз он рӯ, ки кори дӯстдошта барои ман худ истироҳат аст.

«Хирад» барои ман на танҳо як марказ, балки идомаи андеша, эътиқод ва орзуҳост, орзуе, ки аввал дар зеҳн зиндагӣ кард ва баъд ба воқеият табдил ёфт.

**- Яъне, кор ба як ҷузъи ҷудонопазири зиндагии шумо табдил ёфтааст?**

- Дурусттараш, инро кор номидан ҳам намехоҳам. Барои ман ин бештар истироҳат аст. Ҳатто ёд надорам, ки кай ба маънои маъмулии калима «кор» карда бошам. Ин машғулият барои ман лаззат аст, кайфият аст, як ҳолати хуби ботинист.

Вақте, масалан, як китоб рӯйи чоп меояд, ё нафаре бо эҳсос менависад, ки як матн ё як фикр зиндагии ӯро дигар кардааст, ё аз рӯйи як пости мо ҷасорат пайдо кардааст, то қадаме дар роҳи худ бигузорад, ҳамин лаҳзаҳо тамоми хастагиро аз байн мебаранд.

Ин эҳсосро бо ҳеҷ маош ё унвон муқоиса кардан мумкин нест. Зеро ту мебинӣ, ки корат ба дили инсон мерасад, таъсир мегузорад ва маъное эҷод мекунад. Барои ман, маҳз ҳамин аст кайфияти ҳақиқӣ, вақте ҳис мекунӣ, ки заҳматат бефоида нест ва ба зиндагии дигарон рӯшноӣ меорад.

**- Маркази «Хирад» дар тӯли 5-6 соли фаъолият чӣ корҳоро ба сомон расонд?**

- Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки то таъсиси «Хирад» китобҳои серхонандатарини ҷаҳон ба таври пайваста ва занҷиравӣ нашр намешуданд. Яъне хонанда имкон надошт як силсилаи пурраи китобҳои машҳурро дар як самт ё як равияи мушаххас дастрас кунад. Маҳз ҳамин холигиро то ҷое Маркази «Хирад» пур кард.

Аз рӯзҳои аввал мо тасмим гирифтем, ки фаъолияти худро бар се самти асосӣ бунёд намоем: - чопи китобҳои серхонандатарини ҷаҳон (бестселлерҳо), адабиёти бадеӣ ва китобҳои фалсафӣ ва андешасоз.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**



# МУЪҶИЗА

## Чӣ гуна роҳбарияти IRS аз тарма эмин монд?

Давоми рӯзҳои боридани барфи давомдору пуршиддат дар роҳи Душанбе-Чаноқ ва тармафароии бениҳоят зиёд аз ҷониби масъулини IRS тамоми кӯшиш ба он равона шуд, ки рисолати филиали ширкат дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро гардад. Бо ин мақсад пешниҳоди иттилоъ, нашри расм ва пахши наворҳо бевосита аз маҳали тармафароӣ мадди назар қарор гирифт. Муҳимтар аз ҳама, ин рӯзҳо роҳбарияти филиали Ширкат бевосита дар макони зикршуда қарор дошта, раванди бартарафсозии тармаҳоро бевосита роҳбарӣ намуд. Кормандони ширкати мазкур аз он ифтихормандand, ки аксар шаҳрвандон ба корҳои амалишуда баҳои воқеӣ дода, шарҳҳои навиштаашон гувоҳи ин гуфта аст. Мутаассифона, ҳастанд ашхосе, ки аз заҳмати дигарон беғаманду аз ҳама касу ҳама чиз норозӣ...

Масъулини IRS бори дигар бо дарки масъулият таъкид намуданд, ки барои боз будани роҳ аз тамоми имкон самаранок истифода менамоем ва ҳавасманд низ ҳастем. Вале эмин нигоҳ доштани ҳамватанон болотар аз омилҳои дигар аст. Аз ин хотир, дар сурати мавҷуд будани хавфи тармафароӣ ҳаракати тамоми намуди нақлиёт дар ин масир муваққатан маҳдуд карда мешавад.

Чанде пеш дар саҳифаҳои марбут ба IRS дар шабакаҳои иҷтимоӣ навори таваҷҷуҳбарангезе пахш шуд. Ин навор дар баробари он ки даҳшату шаҳомати тармафароиро нишон медиҳад, ҳамзамон собит намуд, ки масъулину кормандони IRS аксар маврид бо баҳои ҷон рисолати хешро иҷро менамоянд. Дар ин навор лаҳзаи аз тарма ҷон ба саломат бурдани директори филиали ширкат ва дигар масъулин инъикос шудааст.

Тавре иттилоъ гирифтем, вақте директори филиали ширкат Нодирҷон Сафаров ва дигар масъулин дар маҳали тармафароӣ қарор доштаанд, як тармаи дигар поён омадааст. Хушбахтона, раҳбарияти ширкат тавонистаанд худро ба ҷои амнтар гиранд. Ин навор дар шабакаҳои иҷтимоӣ бениҳоят пурбинанда гардида, шаҳрвандон ба масъулияткиносии роҳбарияти IRS баҳои баланд доданд.

Тавре шоҳидем, дар фарҷоми соли гузашта ва оғози соли равон дар масири Душанбе - Чаноқ, хоса ҳудуди ноҳияҳои Варзобу Айнӣ барф пуршиддату давомдор борида, боиси тармафароии зиёд гардид. Муҳим он аст, ки корҳои бартарафсозӣ зери назорати доимӣ ва ҷиддии роҳбарият қарор дошт. Бо назардошти вазъияти мавҷуда, роҳбарияти филиали ширкат тасмим гирифт, ки барои бартарафсозии тарма булдозерҳоро низ истифода намояд.

Ёдовар мешавем, ки дар робита ба боришоти шадиду тармафароии зимистони солҳои 2016-2017 филиали Ширкат теъдоди муайяни булдозерҳоро, ки истеҳсоли ширкатҳои бонуфузи олам мебошанд, харидорӣ намуда буд. Масъулини филиали Ширкат аз ин корхонаҳо дидан намуда, баъд аз муътақид шудан ба махсусиятҳои булдозерҳои мавриди назар ва мувофиқ буданашон барои истифода дар роҳи Душанбе - Чаноқ барои харидории онҳо иқдом намуда буданд. Ҳамрадиф бо ин, барои сари вақт ба макони зарурӣ интиқол додани онҳо трейлер низ харидорӣ шуд. Дар муддати кӯтоҳ тавассути трейлери мазкур ин булдозерҳо ба макони офати табиӣ интиқол дода шуданд.

Мардуми зиёд, ки ҷаҳду талоши кормандони филиали Ширкатро шоҳиди ҳол буданд, ба чунин тадбирандешӣ таҳсин хонданд. Муҳимтар аз ҳама, ронандагону мусофирон эътироф карданд, ки маҳз ба шарофати кормандони масъулиятшинос ва техникаҳои пуриқтидоре, ки барои рафъи ин ҳолат аз ҷониби филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» сафарбар шуданд, тармаҳое, ки дарозиву паҳноияшон қобили мулоҳиза маҳсуб мешуд, дар муддати кӯтоҳ бартараф гардид. Хушбахтона, дар натиҷаи ин офати табиӣ талафоти ҷонӣ ва моддӣ нест.

- Воқеан ҳам роҳи Душанбе - Чаноқ дар симои филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳбони боэътимод дорад. Ин корҳоро нодида гирифтан беинсофӣ аст. Дидем, ки кормандони IRS хеле масъулияткиносанд. Ҷаҳду талош мекунанд, то роҳ кушода ва дар ҳолати хуб қарор дошта бошад. Кормандон ҳамеша дар такопӯ буда, ба ронандагону мусофирон бо алфози ширин муносибат мекунанд. Аҳсан ба онҳо!,- гуфтанд ронандагону мусофирон.

Ин омил бори дигар собит намуд, ки омодагии филиали ширкат ба мавсими сармо хеле ҷиддӣ буда, дар ин раванд таваҷҷуҳи хоса ба ҳолати техникаву механизмҳо зоҳир гардида, ба қадри кофӣ маводи зиддилағзиш ва сӯзишворӣ захира шуд. Дар маҷмуъ, пойгоҳи техникии IRS аз 242 техникаву механизм иборат буда, барои мавсими тирамоҳу зимистон зиёда аз 1 миллион литр сӯзишворӣ ва қариб 20 ҳазор тонна маводи зиддилағзиш захира шудааст.

Биноан, роҳбарияти ширкат бо дарки масъулият таъкид карданд, ки IRS барои дар сатҳи хубу сифати баланд иҷро намудани вазифаҳояш комилан тавонманд буда, барои комёб будан дар ин ҷода аз тамоми имконот самаранок истифода карда истодааст.

Хотиррасон мешавем, ки дар мавсими сармо кормандони филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамарӯза теъдоди зиёди тармаҳои хурду бузургро бетаъхир бартараф мекунанд.

Бориши барф ва тармафароиҳои ахир дар қисматҳои баландкӯҳи шоҳроҳи Душанбе - Чаноқ бесобиқа буда, баландии барфи маъмулӣ 75 сантиметрро ташкил дод. Тавре маълум гардид, давоми ду рӯз (31-уми январ ва 3-юми феврал) дар ин масир 41 тарма бетаъхир бартараф карда шуд. Дар маҷмуъ, бинобар барфбории шадиду муттасил зиёда аз ҳафт километр роҳ зери тарма монда буд. Муҳим он аст, ки кор шабонарӯзӣ идома дошт. Танҳо дар минтақаи Варзоб барои бартарафсозии тармаҳро дар маҷмуъ 24 техника, аз ҷумла булдозер ва дигар техникаҳои пуриқтидор сафарбар шуданд. Бино ба иттилои ширкат, тармафароӣ асосан дар манотиқи Варзоб ва як қисми Айнӣ ба амал омада, тармаҳои нисбатан бузург аз километри 48 то 73 (нақби Истиқлол, собиқ Анзоб) поён омаданд, ки баландтарини онҳо то 10 ва тӯлонитаринашон 340 метрро ташкил мекарданд. Дар умум, тайи соли равон 79 тарма аз кӯҳҳо пойин омадааст.

Масъалаи дигаре, ки масъулини IRS онро муфассал шарҳу тавзеҳ доданд, сафарбарнамоии техникаҳо барои бартарфсозии тармаҳо маҳсуб мешавад. Аз ҷумла зикр шуд, ки истифодаи теъдоди зиёди техникаҳо дар раванди бартарфсозии тармаҳо ғайриимкон аст. Зеро дар ҳудуди танги роҳ фақат 5 то 6 техника метавонанд дар як маҳал кор кунанд.

Қобили зикр аст, ки дар ин рӯзҳо ба минтақаҳои бехавф интиқол додани мошинҳои дармонда ва тақсими хӯрока миёни мусофирону ронандагон низ мадди назар буд. Илова бар ин, бо кумаки кормандони IRS ва мутахассисони Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани 5 мошин аз зери тарма берун оварда шуда, талафоти ҷонӣ вуҷуд надорад.

Дар маҷмуъ, ба шарофати заҳмати шабонарӯзии кормандони IRS дар муддати кӯтоҳ тармаҳо бартараф ва роҳ боз шуд. Вале бояд мадди назар дошт, ки кушода шудани роҳ маънои хотимаи шабзиндадориву фарҷоми афзоиши сарбории кормандони филиали Ширкатро надорад. Кормандони ширкати мазкур доимо ба тадбирандешии бетаъхир омода буда, аз он ки масофаро коҳиш дода, қалбҳоро бо ҳам мерасонанд, ифтихормандand. Ба онҳо барору комёбӣ таманно дорем. Хаста набошед!

**Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО**

---

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Давоми соли 2025 дар вилояти Хатлон 61 иншооти гуногуни варзишӣ сохта шудааст. Ин нукта дар нишасти хабарии Раёсати ҷавонон ва варзиш зикр гардид.**




Рамазон Насриддинзода, сардори раёсати мазкур афзуд, ки соли 2025-ум 43 майдони хурди футбол бунёд гардид, ки барои рушди варзиши рақами як дар деҳот мусоидат мекунад. Ҳамчунин ӯ гуфт, ки 13 толори варзишӣ, 2 варзишгоҳи калон ва 3 маҷмааи варзишӣ ҳам бунёд шудааст. "Варзишгарони вилояти Хатлон аз иштирок дар 162 мусобиқа ва чемпионати ҷумҳуриявӣ ва 35 мусобиқаи байналмилалӣ 1 ҳазору 264 медали тило, 1 ҳазору 115 нуқра ва 1 ҳазору 327 медали биринҷӣ ба даст оварданд", гуфт ӯ.

**Соли 2025 дар вилояти Хатлон беш аз 1 ҳазору 950 ҳолати бекор кардани ақди никоҳ сабт шудааст. Талоқ назар ба соли 2024 коҳиш ёфтааст.**



Раҳмон Гулчеҳра Қурбоналӣ, сардори шуъбаи асноди ҳолати шаҳрвандии Раёсати адлияи вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ афзуд, ки соли 2025 нисбат ба соли гузашта 167 ҳолати бекоркунии ақди никоҳ кам шудааст. Ба таъкиди вай, соли 2025-ум дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон зиёда аз 24 ҳазору 290 ҳолати сабти ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст. "Мутаассифона, баъди бекор кардани 1 ҳазору 950 ақди никоҳ беш аз 1 ҳазору 530 кӯдак аз тарбияи якҷояи падару модар маҳрум мондаанд",-изҳор дошт номбурда.

**Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон имрӯз бо зиёда аз 45 донишгоҳи бонуфузи Федератсияи Русия, 18 донишгоҳи Иттиҳоди Аврупо, 15 донишгоҳи Ӯзбекистон, 8 донишгоҳи Чин, Амрико ва дигар кишварҳо шартномаҳои ҳамкорӣ дорад.**



Дар ин бора ректори донишгоҳ Шаҳриёр Саъдуллозода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, ҳамкориҳои байналмилалӣ барои баланд бардоштани сифати таълим, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва ворид намудани таҷрибаи пешқадам ба низоми таҳсилоти кишвар мусоидат мекунанд. Ҳамчунин, чанде пеш миёни Донишгоҳи нақлиёти Сиан (XJTU) ва Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳум ба имзо расидааст, ки он ба рушди ҳамкорӣ дар самти бунёди низоми ҳукумати рақамӣ дар Тоҷикистон равона гардидааст.



# ОМИЛҲОИ АФЗОИШИ САРАТОН

**Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ пешгӯӣ мекунад, ки то соли 2050 шумораи беморони саратон дар саросари ҷаҳон ба таври қобили мулоҳиза афзоиш хоҳад ёфт.**

Афзоиши пешбинишуда 77 дарсад ё тақрибан 35 миллион ҳолати нави саратонро ташкил медиҳад. Дар навбати худ олимон аз омилҳое, ки боиси пайдоиши ин беморӣ мегарданд, ёдовар шуданд.

“Ифлосшавии ҳаво, бахусус зарраҳои майдаи газҳои ихроҷшуда метавонанд ба шуш амиқ ворид шаванд ва ба халтаҳои хурди ҳаво, ки алвеолаҳо ном доранд, бирасанд, ки дар он ҷо оксиген ва гази карбон мубодила мешаванд. Дар ин ҷо онҳо илтиҳобро ба вуҷуд меоранд ва фаъолияти ҳуҷайраҳоро вайрон мекунанд, ки боиси саратон мегардад. Ин як раванди нозук, вале хатарнок аст, ки дар он механизмҳои дифои шуш як аксуламали занҷирро ба вуҷуд меоранд, ки нохост ба пайдоиши варамҳо оварда мерасонад»,- гуфтаанд муҳаққиқон.

Ба гуфтаи СУТ, дар баробари олудагии ҳаво, афзоиши аҳолӣ низ ба ин таъсир мерасонад, зеро мизони бемории саратон низ афзоиш меёбад.

- Тамоку ва машруботи спиртӣ аз омилҳое мебошанд, ки саратонро ба вуҷуд меоранд,- хабар медиҳад korrespondent.net.

**ШУМОРАИ ГИРИФТОРОНИ ДИАБЕТИ ҚАНД СОЛ БА СОЛ АФЗОИШ ЁФТА ИСТОДААСТ. ТАВРЕ СОЗМОНИ УМУМИҶАҲОНИИ ТАНДУРУСТӢ ИТТИЛОЪ ДОДААСТ, ДИАБЕТИ ҚАНД ДАРАҶАИ ФАВТИ АҲОЛИРО 2-3 БАРОБАР АФЗОИШ ДОДА, ДАВОМНОКИИ УМРРО КӮТОҲ МЕКУНАД.**




# ДИАБЕТИ ҚАНД

## Кадом хӯрданиҳои бомазза душмани мо ҳастанд?

### АФЗОИШИ БЕМОРӢ

Ҳамасола афзоиш ёфтани шумораи беморон, махсусан диабети навъи 2, ки 85 фисади ҳолатро ташкил медиҳад, мутахассисони соҳаро нигарон кардааст. Вақтҳои охир шумораи гирифторони бемории диабети қанд миёни чавонон хеле зиёд шудааст. Тавре диетолог-эндокринолог Александр Семёнов гуфт, аксарият гумон мекунанд, ки қанд танҳо дар таркиби торту қандина ва дигар ширинихо вуҷуд дорад, аммо ин тавр нест.

### БОМАЗЗА, ВАЛЕ ЗАРАРОВАР

**Чанд маҳсулоте, ки боиси баландшавии қанд мегарданд, инҳо мебошанд:**

**1. Соус ва кетчупҳо.** Дар таркиби як қошуқ кетчуп як қошуқча шакар (4 грамм) вуҷуд дораду дар таркиби соуси чили ду қошуқча (тақрибан 8 грамм).

**2. Шавлаву шӯрбои тайёр.** Аз рӯи ҳисоби миёна дар таркиби як порс (100 грамм шӯрбои тайёр ё кашша) аз 0,5 до 7 грамм шакар (вобаста ба брендаш) вуҷуд дорад.

**3. Полуфабрикатҳо - (сосиска, сарделка, ҳасиб, бекон, ветчина).** Истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ бе иловаи шакар намешавад. Аз ҳамин сабаб ҳасибу ҳасибчаҳо хушмаззаанд.

**4. Нон.** Дар таркиби тамоми намуди нон қанд ҳаст. Дар 100 грамм нони дилхоҳ аз 7 то 10 грамм шакар вуҷуд дорад.

**5. Маҳсулоти беравғаншудаи ширӣ.** Якҷоя бо равған маҳсулоти ширӣ тамъу маззаи худро гум мекунанд. Аз ин рӯ, истеҳсолкунандагон ба таркиби маҳсулоти худ шакар илова мекунанд. Дар таркиби маҳсулоти ширӣ қандро ҳамчун глюкоза, лактоза, фруктоза ва ғайра қайд мекунанд.

**6. Донагӣ ва хушкмеваҳо** дар баробари фоидабахш буданашон на танҳо калорияи баланд, балки қанди зиёд низ доранд.

**7. Нӯшокиҳои ширин.** Қанде, ки дар таркиби нӯшокиҳои газнок ва шарбати мева вуҷуд дорад, баробар аст ба қанди таркиби конфету қандинаҳо. Як истакон шарбати ангур аз рӯйи ғизонокӣ баробари як порс торти шоколадӣ аст. Бинобар ин, ҳангоми истеъмоли нӯшокиҳо андозаро нигоҳ доштан лозим аст.

### АЗ ҚАНД ДАСТ КАШИДА МЕШАВАД?

Оё мешавад, ки аз қанд даст кашид? Мутаассифона, қандро аз таркиби маҳсулоти номбаршуда нест карда намешавад. Қанд дар таркиби меваву сабзавот, лӯбиёӣ ва ғайра низ вуҷуд дорад, ки аз ин хӯрданиҳо даст кашидан лозим нест. Табибон низ пурра аз қанд даст кашиданро тавсия намедиҳанд. Норасоии глюкоза ва карбогидратҳои зудҳазм боиси руҳафтодагӣ ва асабхаробӣ мегардад, хусусан, дар нафароне, ки пайваста дар ҳолати изтироби шадид (яъне, нафарони корашон фаъол ва серҳаракат) қарор доранд.

Истеъмоли маҳсулоти ширин табъи инсонро болидаву самаранокияшро бехтар месозад. Вале истеъмоли шакар бояд андоза дошта бошад, яъне дар як рӯз 50 грамм шакар (10-12 қошуқча) барои инсон кифоя аст.

### САБАБИ ҚАНДИ БАЛАНД ЧИСТ?

Тавре тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ширинихӯрӣ не, балки бештар камҳаракатӣ боиси бемории қанд мешавад. Ҳамчунин, ирсият сабаби гирифторӣ ба бемории қанд аст. Аз ин рӯ, нафароне, ки фарбеҳ мешаванд, бояд парҳезро риоя намуда, қанди хунро пайваста назорат намоянд.

## Тақвими Толеънома



**Ҳамал**
***21.03 - 20.04***

Вақти он расидааст, ки ба саломатии худ чиддӣ назар андохта, аломатҳои хастагиро нодида нагиред. Тағйирот дар ҷойи кор метавонад барои шумо имкониятҳои нав кушояд. Корҳои нимтайёрро анҷом дихед ва муҳити кориро ба тартиб дароред.



**Саратон**
***22.06 - 23.07***

Энергияи пуркуввати шумо ин ҳафта атрофиёнро илҳом мебахшад. Шиносоиҳои нав метавонанд нақши муҳим дар ояндаи шумо бозанд. Дар кор фаъол бошед ва ташаббус нишон диҳед, роҳбарият инро қадр мекунад.



**Мизон**
***25.09 - 22.10***

Сафарҳои кӯтоҳ ё гаштугузорҳои ғайринақшавӣ ба шумо нерӯи нав мебахшанд. Ин ҳафта барои оғози варзиш ё тағйири симо бисёр мувофиқ аст. Дар кор ба маълумоте, ки мешунавед, бодиққат бошед ва идеяҳои навро пешниҳод намоед.



**Ҷаддӣ**
***22.12 - 20.11***

Ба ҳисси ботинии худ эътимод кунед, он шуморо фиреб намедиҳад. Ин ҳафта қарорҳои ҷасурона натиҷаи хуб медиҳанд. Дар кор идеяҳои нав пайдо мешаванд, ки дар оянда муваффақият меоранд. Аз ҷиҳати молиявӣ ибтидои моҳ подоши заҳматҳои гузашта мегардад.



**Савр**
***21.04 - 21.05***

Ин ҳафта диққати асосии шумо бояд ба кор равона шавад. Аз баҳс бо роҳбарият худдорӣ намоед. Меҳнати бодиққат ва муносибати ҷиддӣ аз тарафи роҳбарон қадр мешавад. Дар масъалаҳои молиявӣ харочоти нолозимро коҳиш диҳед.



**Асад**
***23.07 - 22.08***

Ин ҳафта барои таҳкими робитаҳои оилавӣ ва эҷоди оромӣ дар хона бисёр мувофиқ аст. Сармоягузорӣ ба дониш ва омӯзиш натиҷаи хуб медиҳад. Дар кор сарборӣ зиёд мешавад, аммо шумо аз уҳдааш мебароед. Ба саломатии равонӣ диққат диҳед.



**Ақраб**
***23.10 - 22.11***

Ба худ бовар кунед ва ба суханони танқидгарон аҳамияти зиёд надиҳед. Дар масъалаҳои молиявӣ қарорҳои шитобкорона қабул накунед ва пеш аз имзо маслиҳат пурсед. Харочоти хурд метавонад ба шумо хушҳолӣ орад.



**Далв**
***21.01 - 19.02***

Ин ҳафта ба шумо мефаҳмонад, ки бояд пеш аз ҳама худро қадр кунед. Орзуҳои кӯҳнаро ба ёд оред ва барои амалӣ шуданашон қадам гузоред. Дар кор худро роҳбар эҳсос мекунед ва барои баромадҳои оммавӣ ё имзои шартномаҳо фурсати хуб аст.



**Ҷавзо**
***22.05 - 21.06***

Ҳафта бо сюрпризҳои хуш дар зиндагии шахсӣ оғоз меёбад. Қобилияти муошарати шумо барои ҳал кардани масъалаҳои душвор кумак мекунад. Дар кор дипломатия калиди муваффақият хоҳад шуд ва ҳатто пешниҳоди кори иловагӣ имкон дорад.




**Сунбула**
***23.08 - 22.09***

Ин ҳафта фазои оромӣ ва ҳамоҳангӣ ҳукмфармо мегардад. Ҳамаи корҳои ба нақша гирифта осон пеш меравад. Дар ҷойи кор аз ғайбат ва баҳсҳои беҳуда дурӣ ҷӯед, зеро натиҷаи хуб танҳо бо меҳнат ба даст меояд.



**Қавс**
***25.11 - 21.12***

Ҳафта ба шумо илҳом ва ангезаи нав мебахшад. Дар самти омӯзиш ва такмили ихтисос муваффақ мешавед. Маблағҳоро барои такмили асбобҳои корӣ равона кунед. Пешниҳоди кори иловагӣ метавонад фоидаовар бошад. Ба саломатии сутунмуҳра аҳамият диҳед.



**Ҳут**
***20.02 - 20.03***

Меҳрубонӣ ва ҳамдардии шумо ин ҳафта барои барқарор кардани робитаҳо бисёр муфид аст. Кори хайриявӣ ё кумак ба дигарон бо некӣ бармегардад. Дар кор меҳнати софдилона метавонад ба мукофоти ногаҳонӣ оварда расонад.

# ХУДРО ДАР «ХИРАД» ЁФТАМ

**(Аввалаш дар саҳ. 10**



Вақте дар ҳамин се самт ба таври ҷиддӣ ба нашри китоб пардохтем, дар паҳлуи «Хирад» марказҳо ва ташаббусҳои дигар низ ба вуҷуд омаданд. Ростӣ, мо аз ин хеле хурсандем, зеро рақобати солим нишонаи зинда будани фазои китоб ва фарҳанг аст.

Ҷойи таъриф нест, вале бояд таъкид кард, ки бори аввал маҳз Маркази «Хирад» китобро ба супермаркетҳо ворид намуд. То он замон супермаркет ё маркази савдо асосан ҷойи маҳсулоти хӯрока ва лавозимоти рӯзгор ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин, айни ҳол мо мағозаи мустақиле бо номи “Khirad Books” дорем, ки дар он на танҳо китоб харидан, балки китоб мутолиа кардан низ мумкин аст. Дар ин фазо шароити қаҳванӯшӣ, пур кардани қувваи телефон ва умуман муҳити орому мусоиде фароҳам оварда шудааст. Ҳадафи асосӣ як аст: ҷалби бештари мардум ба китобу китобхонӣ.

## “ХИРАД” МАРКАЗИ ТИҶОРАТӢ НЕСТ

**- Мехостам пурсам, ки маблағгузори Маркази «Хирад» кист? Зеро имрӯз пеш бурдани фаъолияти як муассисаи хусусӣ бидуни пуштибонии ташкилот ё соҳибкори калон хеле душвор аст.**

- Маркази «Хирад» пеш аз ҳама як лоиҳаи фарҳангӣ аст, на тиҷоратӣ. Мо китобҳоро на барои даромад, балки ба он хотир, ки битавонем китобҳои навбатии худро нашр кунем ва ин раванд қатъ нашавад, ба фурӯш мегузорем.

Агар рост бигӯем, аз ҳисоби фурӯши китоб зиндагии молиявии ҷиддӣ сохтан кори осон нест. Даромаде, ки ба даст меояд, бештар барои пӯшонидани харочот ва идомаи фаъолият масраф мешавад. Ба ҳамин маъно, «Хирад» қариб як маркази худтаъминкунанда аст.

Барои мо муҳимтар аз фоидаи моддӣ арзиши маънавӣ аст: он, ки китоб ба дасти хонанда мерасад, андеша тағйир меёбад ва муҳаббат ба мутолиа зинда мемонад.

- Бештари нафарон ҳангоми мутолиаи китобҳои “Хирад” як каме аз забони душвори бархе китобҳо, хоса “Ҳафт одати одамони муассир” ва “Чӣ гуна миллионер шудам?” нигаронӣ мекунанд. Пурсидан мехостам, ки дар тарҷума ва баргардониши осори хориҷӣ ба тоҷикӣ бо киҳо ҳамкорӣ мекунед?

- Саволи бисёр хуб аст ва ростӣ, саволест, ки бисёр вақт аз мо мепурсанд (механдад). Мо дар самти тарҷума бо тарҷумонҳои ҳирфаӣ ва соҳибтаҷриба ҳамкорӣ мекунем. Шояд овардани ному насаби ҳар кадоми онҳо дар ин ҷо зарурат надошта бошад, аммо итминон медиҳем, ки ҳама аз доираи мутахассисони соҳаанд.

Дар масъалаи тарҷума ман ҳеҷ гоҳ иддао надорам, ки мо беҳтарин ва бенуқсонтарин тарҷумаҳоро анҷом медиҳем. Вале як чиз қатъист: тамоми кӯшиш ва масъулиятро ба харҷ медиҳем, то сифати тарҷума рӯз ба рӯз беҳтар шавад.

Нуктаи дувум ва бисёр муҳим ин аст, ки худи хонанда низ бояд барои мутолиа омода бошад. Масалан, китобе чун «Ҳафт одати одамони муассир»-и Стивен Кови, ки шумо мисол овардед, дар муқаддимаи худи китоб равшан таъкид мешавад, ки ин асар бештар барои онҳоест, ки тачрибаи на камтар аз 10 соли роҳбарӣ доранд. Табиист, вақте як донишҷӯ ё нафаре, ки бори аввал бо чунин адабиёт рӯ ба рӯ мешавад, китобро мутолиа мекунад, бо истилоҳҳо ва назарияҳое дучор меояд, ки бештар барои роҳбарон ва менеҷерон ошноянд. Дар чунин ҳолат китоб метавонад каме душвор намояд ва ин амри табиист.

Бояд як нуктаи муҳимро фаромӯш накунем: китобхонӣ худ фарҳанг дорад. Як бор хондану нафаҳмидан ҳатман маънои тарҷумаи “хароб”-ро надорад. Масалан, «Китоб-ут-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ бо пешсухани устод Муҳаммад Осимӣ дар замони шуравӣ аз ҷониби Академияи илмҳои Тоҷикистон тарҷума шудааст. Ин яке аз беҳтарин тарҷумаҳост, аммо барои ҳар хонанда фаҳмо нест. Оё ин маънои онро дорад, ки тарҷума заиф аст? Албатта не.

## ОҒОЗИ ЯК МАРҲИЛА

**- Дар мавриди тренинги охирone, ки бо иштироки Алиризо Озмандиён баргузор намудед, пурсидан мехостам. Оянда боз бо иштироки кадом чеҳраҳои шинохта ташкили чунин машғулиятҳоро дар назар доред?**

- Ҳадафи мо аз даъвати чунин меҳмонон пеш аз ҳама як чиз аст: ҷавонон мафҳуми воқеии муваффақиятро на аз китобу шиорҳо, балки аз забони афроде бишнаванд, ки худ ин роҳро тай кардаанд. Барои мо муҳим аст суханвар шахсе бошад, ки зиндагияш далели гуфтаҳояш аст, на баръакс.

Имрӯз вазъи ҷаҳон ҳаминро тақозо мекунад. Агар нигоҳ кунем, мебинем, ки қариб дар тамоми кишварҳои пешрафта чунин платформаҳо фаъоланд ва андешаи муваффақият, рушди шахсӣ ва тарзи фикрро шахсиятҳои амалгаро ба ҷомеа интиқол медиҳанд. Мо ҳам мехоҳем ҷавонони тоҷик аз ин раванд канор намонанд ва тасаввури онҳо аз муваффақият танҳо дар доираи орзу ё хаёл маҳдуд нашавад.

Тренинге, ки бо иштироки Алиризо Озмандиён баргузор шуд, як чорабинии одӣ не, балки оғози як раванд аст. Дар оянда низ ният дорем бо ҷалби чеҳраҳои шинохта ва соҳибтаҷрибаи байналмилалӣ ва минтақавӣ чунин машғулиятҳоро идома диҳем. Нафароне, ки на танҳо суханвар, балки соҳибмактаб, соҳибтаҷриба ва дорои ҷаҳонбинӣ ҳастанд.

Мақсади ниҳоии мо сохтани муҳитест, ки дар он фикр рушд мекунад, шуур васеъ мешавад ва ҷавонон худро қодир ба тағйир додани зиндагии худ эҳсос мекунанд.

**- Маркази “Хирад” барои оянда чӣ нақшаҳо дорад ва кадом навгониҳоро дар назар гирифтааст?**

- Нақшаи асосии мо хеле равшан аст: нашри ҳарчи бештари китобҳои арзишманд ва дастрас кардани онҳо ба хонандаи тоҷик. Мо мехоҳем китоб ҳамеша дар канори инсон бошад - дар хона, дар роҳ, дар ҷойи кор. Ҳамаи навгониҳо, хоҳ платформаҳои нав бошанд, хоҳ шаклҳои муосири китоб, дар ниҳоят барои расидан ба ҳамин ҳадаф хидмат мекунанд.

## МО БА СОХТАН БОВАР ДОРЕМ

**- Бештари мардум ба зиндагии ашхоси муваффақ таваҷҷуҳи хос доранд. Ба ҳамин хотир мехостам аз зиндагии шахсии шумо бипурсам: Абдуҷалили Амон дар зиндагии рӯзмарра низ ҳамонгуна аст, ки дар наворҳо дигаронро роҳнамоӣ мекунад?**

- Ба ин саволатон беҳтар аст на худи ман, балки онҳое ҷавоб диҳанд, ки бо мо ҳамкорӣ мекунанд ё аз наздик мешиносанд. Зеро инсон ҳамеша худро аз дарун мебинад, аммо муҳит ва атрофиён беҳтар қазоват мекунанд.

Аммо агар кӯтоҳ бигӯям, ҳаёти ман қариб пурра ба кори мутолиа бастагӣ дорад. Бидуни муболиға, аз субҳ то шом бо китоб, тарҷума, таҳрир, сенариянависӣ машғулам. Ин ҳама аз рӯйи завқ аст. Ман ҳамин тарзи зиндагиро интихоб кардаам ва худро маҳз дар ҳамин раванд зинда ва пурмаъно эҳсос мекунам.

**- Бо ин ҳама машғулиятҳо барои оила ҳам вақт меёбед?**

- Бешубҳа. Банда оиладорам ва соҳиби се фарзанд. Барои ман оила ҳамеша дар ҷои аввал меистад, баъд аз он кор меояд. Кори воқеӣ ҳамон вақт баракат дорад, ки сутуни оила устувор бошад.

**- 20-30 соли ояндаи худро чӣ гуна тасаввур мекунед?**

- Мо бештар аз «тасаввур кардан» ба «сохтан» бовар дорем. Танҳо орзу карданро чандон қабул надорам, мо бештар ба тарҳрезӣ, меҳнат ва пайгирии ҳадафҳо такя мекунем.

Он чизе, ки пештар аз он ҳамчун «эфир» ёд кардем, имрӯз барои ман дигар як хаёл нест, балки нақшаи мушаххас аст. Мо Маркази “Хирад”-ро дар оянда ҳамчун як маркази пуркудрати маърифатӣ (хоулдинг) мебинем. Марказе, ки аз чанд бахш иборат буда, дар самтҳои гуногун фаъолият мекунад: нашри китоб, платформаҳои рақамӣ, омӯзиш, тренингҳо, муҳтавои фикрсоз ва рушди инсон.

Мақсади мо танҳо бузург шудан нест. Ҳадафи аслӣ хидмат ба ҷомеа аст. Рушди фарҳанги мутолиа, барои ҷаҳонбинии инсон. Оянда барои мо на як тасвири дур, балки идомаи мантиқии кори имрӯз аст. Агар имрӯз дуруст кор кунем, фардо худ ба худ шакл мегирад.

**Суҳбаторо:**
**Беҳрӯз САЙФУЛЛОЕВ,**
**рӯзноманигор**

## МАВЛУДНОМА

### 4 ФЕВРАЛ

**Абдулло Бӯрихонов** (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Алексей Дяков** (1896-1974), 130-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Аламхон Кӯчаров** (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Ҳабиб Юсуфӣ** (1916-1945), 110-солагии зодрӯзи шоир, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ.

### 5 ФЕВРАЛ

**Нурулло Ашӯров** (1941), 80-солагии зодрӯзи файласуф.

**Бозор Сафаралиев** (1956), 65-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

### 6 ФЕВРАЛ

**Искандар Қаландаров** (1936-2008), 85-солагии зодрӯзи муаррих, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Абдуллоҷон Орифов** (1941), 80-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод, профессор.

### 7 ФЕВРАЛ

**Сергей Елисеев** (1926-1989), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Константин Пунтусов** (1906-1988), 115-солагии зодрӯзи гидротехник, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

### 8 ФЕВРАЛ

**Андрей Бертелс** (1926-1995), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

**Бахтиёр Ишонов** (1956), 65-солагии зодрӯзи меъмор.

**Мӯсобек Мироватов** (1966), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Абдуманнон Ҳусейнзода** (1956), 65-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

### 9 ФЕВРАЛ

**Зикруллоҳи Валӣ** (1956-1992), 65-солагии зодрӯзи журналист.

**Нормат Каримов** (1921-1972), 100-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Фатҳиддин Муҳаммадов** (1941), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

### 10 ФЕВРАЛ

**Тоҳири Абдуҷаббор** (1946-2009), 80-солагии зодрӯзи иқтисоддон, профессор.

**Алӣ Бобоҷон** (1936-2020), 85-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Абдукибор Гадоев** (Гадозода) (1941), 80-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Зиёратшо Довудов** (1946), 75-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**Нозирҷон Ёдгорӣ** (1956), 65-солагии зодрӯзи нависанда.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## МЕФУРӮШАМ

### 2-ҲУҶРАГӢ

➔ 2-ҳуҷрагии ба 3-ҳуҷрагӣ табдил додашуда, 67 м.м, қабати 2, бинои хиштин, баъди таъмир, бо ҷиҳоз, нишонӣ: фабрикаи "Ширин". Тел.: 927-70-23-38

## ИҶОРА МЕДИҲАМ

➔ 2-ҳуҷрагӣ дар бинои навсохт, қабати 8, к. Ҳусейнзода-12 (дом "Пайкар"), бо таъмир ва тамоми ҷиҳоз иҷора медиҳам, 6000 сомонӣ. Тел.: 007-44-1111

### 1-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

➔ 1-ҳуҷрагии ба 2-ҳуҷрагӣ табдил додашуда, қабати 10, бинои навсохт, "Чордома", 4000-4500 сомонӣ, пешпардохт, ба хориҷиён ё ба оилаи дорои 1 фарзанд иҷора медиҳам. Тел.: 907-27-75-75

## КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Ба дастаи мо дӯзанда барои дӯхтани либосҳои махсус лозим аст. Маоши хуб, ҷои кори бароҳат, пардохтҳои саривақтӣ, бо имконияти баланд шудани маош ва пешрафти касбӣ. Хӯроки нисфирӯзӣ аз ҳисоби корхона таъмин карда мешавад. Тел.: 935-49-00-05

Ба посбон ниёз дорем (зан ва мард), аз 25 то 60-сола, маош 1600 сомонӣ, бо хӯроки нисфирӯзӣ. Тел.: 555-91-55-55, 93-133-00-03

Ба бонувони маҳсари дорои сертификат ниёз дорем. Тел.: 900556713

➔ Филиали "МБГ"-и ҶСК "Барқи Тоҷик" коргарро бо ихтисоси машинисти крани борбардор ба кор даъват менамояд. Тел.: 222-25-33

Боғчаи бачагонаи "Внучата" ба логопед, тренери тхеквандо (духтар) ниёз дорад. Тел.: 949-26-26-26

## КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини босифат, рӯбучин баъди таъмири хона, рӯбучини пурра. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

➔ Рӯбучин ва хизматрасонӣ барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

Рӯбучин. Тел.: 907-17-00-32

➔ Рӯбучини хона. Тел.: 907-98-59-79

## ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

Таъмир ва азнавсозии ҳама гуна мебел. Сохтани мебел бо фармоиш. Тел.: 900-01-12-54, 200-303-102

Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯй. Босифат, бо кафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

➔ Плотник, арматуршик, тамоми намуди кор бо бетон. Тел.: 901-32-94-54

## МЕХАРАМ / ГУНОГУН

Қолин, пойафзоли чармин ва ҷинс, флягҳои алюминӣ, зарфҳои гуногун, мантупазак, курпача мехарам. Тел.: 93-997-49-72

➔ Ноутбукҳои корӣ ва корношоям, телевизор, усилителҳоро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

Китоб, расмвора, зарф, қолин, палос, курпа, курпача мехарам. Тел.: 900-47-07-80, 989-88-78-78, 88-214-87-87

➔ Мошинаҳои куҳнаи либосшӯии автомат, корношоямро мехарам. Тел.: 555-52-79-79

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, таҷҳизоти даврони шуравӣ ва соатҳои вайрона, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, техникаи маишӣ мехарам. Тел.: 904-09-59-17, 108-99-99-34, 401-99-89-89

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Шарипов Муродали Тураевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, ҷам. дех. Колхози Россия, маҳ. Чилмеҳроб, бӯстонсарои №9, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, А104355, ба номи Шоев Маҳмадёр Диниёрович, ки соли 1988 аз ҷониби МТМУ №116-и н. Сино (собиқ №62-и н. Рӯдакӣ) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А03632312, ба номи Назаров Мақсудҷон Шарифович, ки санаи 08.07.2021 аз ҷониби ШВКД-2 дар н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Махмудов Акбар, РЯМ: 0730137815, РМА: 075416697, ки аз 09.08.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 9, АБ №093783, ба номи Султонова Нодира Ташпулатовна, ки соли таҳсили 1999-2000 аз ҷониби МТМУ №97-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Васиятнома дар реестри №1п32, аз санаи 11.01.2001, аз номи Кулматов Ибадулло ба номи Кулматов Асатулло Ибодуллоевич, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, уч. Янгиобод, х. 23, ҷамоати деҳоти Куктош, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳия ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Кулматов Ибадулло, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, уч. Янги обод, дом 23, ҷамоати деҳоти Куктош, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Ғаффоров Ормон Комилҷонович, ки соли 2022 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Ширинов Алиҷон Орзуевич, ки соли 2023 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01825326, ба номи Розиқова Савлат Хуҷаевна, ки санаи 02.04.2019 аз ШВКД-1 дар н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1326163, ба номи Ёқубов Баҳром Ғафорович, соли хатм 2025, ки аз ҷониби МТМУ №38-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи ва иқтибоси ҶДММ «Масолеҳи Ширии Сомониён», РЯМ: 3310010184, РМА: 330014085, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Парандапарвари Румӣ", РЯМ: 3310009505, РМА: 330013434, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Хоҷагии деҳқони «Муродҷон», таҳти роҳбарии Тагоибеков Музафар Курбонович, РМА: 335292749, РЯМ: 3330053284, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Муҳри раиси маҳаллаи "Камонгарон", н. Сино, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Усмоналӣ" таҳти роҳбарии Расулова Зулайхо, РЯМ: 0730093174, РМА: 075888673, ки аз 08.04.2014 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Васиятнома таҳти феҳристи 4Ғ-759, ки аз санаи 14.02.2020 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ аз номи Қурбонов Тоҷидин тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

➔ Муҳри ҶДММ "Нафт Ка", РЯМ: 0710010263, РМА: 070017218, санаи таъсисёбӣ 09.08.2019, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ ба номи Самадов Карокатулло Раҳматович, воқеъ дар кӯчаи Деҳи Боло, хонаи 38, дар ноҳияи Сино бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ «Масолеҳи Ширии Сомониён», РЯМ: 3310010184, РМА: 330014085, ки дар н. Ҷ. Балхӣ карор дорад, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Парандапарвари Румӣ", РЯМ: 3310009505, РМА: 330013434, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, барҳам мехӯрад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Нури Хуррам", РМА: 040060110 ба ҶДММ "Табиати Солим", РМА: 040040391, ҳамроҳ мешавад (азнавташкилдиҳӣ). Ҳуқуқу уҳдадориҳои ҶДММ "Нури Хуррам", ки дар н. Синои ш. Душанбе ҷойгир мебошад, ба ҶДММ "Табиати Солим" пурра мегузарад. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми як моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Ҳазрат", РЯМ: 0710002031, РМА: 070001362, ки аз 11.04.2010 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Беҳруз Иншоот", РЯМ: 0710013068, РМА: 070020136, ки аз 28.01.2025 дар Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии «Хучамберди», РЯМ: 330000873, РМА: 3310003245, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

## ФУТЗАЛ

# ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ ОСИЁ-2026 НОКОМ ШУД

**Дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон дар Ҷоми футзали Осиё-2026 дар гурӯҳи «С» бо дастаҳои мунтахаби Ӯзбекистон, Ҷопон ва Австралия бозӣ карда, ҳамагӣ 2 имтиёз ба даст оварда ва ба даври дигар роҳ наёфт.**



Дар бозии якум шогирдони Пайрав Воҳидов бо дастаи мунтахаби Ӯзбекистон бозӣ карданд, ки бо ҳисоби 0:0 ба охир расид. Дар бозии дигари ин давр дар ин гурӯҳ Ҷопон бо ҳисоби 6:2 Австралияро мағлуб кард. Дар даври дуюм Тоҷикистон бо Ҷопон бозӣ кард ва бо ҳисоби 0:3 шикаст хӯрд. Дар ин давр Ӯзбекистон бо ҳисоби 4:2 муқобили Австралия ба пирӯзӣ расид.

Дар доираи бозиҳои даври охири Ҷоми футзали Осиё-2026 дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо дастаи Австралия бозӣ кард, ки бо ҳисоби мусовии 1:1 ба анҷом расид. Дар бозии дигари гурӯҳи "С" дастаи мунтахаби Ҷопон бо ҳисоби 2:1 муқобили Ӯзбекистон зафар ёфт.

Дар марҳилаи чаҳорякниҳоии мусобиқа Индонезия бо Ветнам (3:2), Ҷопон бо Афғонистон (6:0), Тайланд бо Ироқ (2:4) ва Эрон бо Ӯзбекистон (7:4) бозӣ карданд. Дар даври нимниҳоӣ Индонезия бо Ҷопон ва Ироқ бо Эрон бозӣ мекунанд.

## БОКС

# ПИРӮЗИИ НАВБАТИИ МИҶГОНА САМАДОВА ДАР РИНГИ ҲИРФАЙ

**Муштзанбонуи тоҷик Миҷгона Самадоваи 27-сола дар мусобиқаи касбии IBA Pro 14 дар шаҳри Москва бар намояндаи Русия Дария Абрамоваи 35-сола пирӯз шуд. Ин дуюмин пирӯзӣ барои Миҷгона Самадова дар саҳнаи касбӣ ба ҳисоб меравад.**



Муҳориба аз 6 раунд иборат буд ва дар ҷараёни он ҳар ду муштзан маҳорати хуб нишон доданд. Бо вуҷуди рақобати шадид, дар поёни вохӯрӣ доварон бо қарори якдилона ғалабаро ба муштзани тоҷик - Миҷгона Самадова супориданд.

Ин натиҷа оғози муваффақонаи фаъолияти касбии Самадова арзёбӣ шуда, метавонад қадами муҳиме дар идомаи корномаи варзишии ӯ гардад. "Ин мубориза аввалин намоиши касбӣ барои ҳарду варзишгар буд. Мубориза аз шаш раунд иборат буд, ки дар он ҳар кадоме сатҳи баланди омодагии техникӣ, истодагарии ҷисмонӣ ва иродаи қавӣ барои пирӯзиро нишон дод",- хабар додаанд аз Раёсати корҳои дохилии Душанбе, ки Самадова дар он ҷо кор мекунад.

Миҷгона Самадова ду маротиба чемпиони Ҷоми ҷаҳон ва барандаи дигар мусобиқаҳои бузурги байналмилалии бокс ва кикбоксинг барои занон мебошад. Вай дар Бозиҳои олимпии соли 2024 ширкат карда, дар Бозиҳои Осиёии соли 2022 ва Чемпионати Осиёии соли 2021 нишонҳои биринчӣ ба даст овардааст.

## ҶУДО

# МУҲИДДИН АСАДУЛЛОЕВ ДАР СЕГОНАИ БЕҲТАРИНИ IJF

**Федератсияи байналмилалии ҷудо (IJF) натиҷаҳои овоздиҳиро барои ҷоизаҳои ҷудои IJF дар соли 2025 эълон кард.**




Ғолибон ва номзадҳо қавитарин ҷудокорони ҷаҳон, чемпионҳои ҷаҳон ва пешсафони рейтинги ҷаҳонро дар бар мегиранд. Варзиши тоҷикро бештар номинатсияи "Ситораи навтулуи сол" ҷалб кард, ки дар он Муҳиддин Асадуллоеви тоҷик, чемпиони ҷаҳон байни ҷавонон ва яке аз ҷудокорони ҷавони умедбахш ба сегонаи ниҳоӣ роҳ ёфт.

Тибқи ҷоизаҳои ҷудои IJF дар соли 2025, сегонаи беҳтарин дар номитатсияи "Ситораи навтулуи сол" Муҳиддин Асадуллоев, чемпиони ҷаҳон байни ҷавонон (U21, Селия Канкан, чемпиони ҷаҳон байни ҷавондухтарон ва Ираклий Гогинашвилӣ, барандаи нишони биринҷии Чемпионати ҷаҳон байни ҷавонон ҳастанд.

Ин на танҳо эътирофи шахсӣ барои Асадуллоев, балки як рӯйдоди таърихӣ барои ҷудои тоҷик аст, ки намояндаи Тоҷикистон аз ҷониби IJF, созмоне, ки рушди ҷудои ҷаҳонро муайян мекунад, дар қатори се ҷудокори ҷавони беҳтарини сол номбар шуд.

Мавсими соли 2025 барои Муҳиддин Асадуллоев пешрафти бузург буд. Ӯ дар Чемпионати ҷаҳон байни ҷавонон медали тило ба даст овард ва мақоми худро ҳамчун пешвои насли худ тасдиқ кард. Майдондории ӯ бо устуворӣ, пухтагии тактикӣ ва қобилияти ҳалли мушкилоти калидӣ дар сатҳи баланд фарқ мекарданд.

Номзадӣ ба ҷоизаҳои IJF Judo на танҳо нишондиҳандаи натиҷаи як мусобиқа, балки инчунин эътимоди ҷомеаи байналмилалии ҷудо мебошад. IJF чун анъана варзишгаронеро, ки пешвоёни ояндаи даври ҷудои калонсолон - ширкаткунандагони Чемпионатҳои ҷаҳон, Бозиҳои олимпӣ ва мусобиқаҳои Grand Slam мешуморад, интихоб мекунад.

## РЕЗААХБОР



Паҳлавони дастаи мунтахаби самбои Тоҷикистон Виктор Рассадин дар Ҷоми Иван Яригин дар Красноярск нишони нуқра ба даст оварда. Дар финали вазни 70 кг ӯ бо чемпиони ҷаҳон ва Аврупо ва барандаи нишони тилои Ҷоми Иван Яригин дар соли гузашта Давид Боев аз ноҳияи мухтори Ханти-Мансӣ рӯ ба рӯ шуд. Набард бо ҳисоби 8:6 ба фоидаи Боев анҷом ёфт. Виктор Рассадин дар ин мусобиқа соли 2017 нишони биринҷӣ, соли 2021 нишони нуқра ва соли 2022 нишони тило ба даст оварда буд.

***

Дар доираи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 дастаи мунтахаби наврасони то 17-солаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Далер Каёсов дар шаҳри Гоа бо ҳамтоёни худ аз Ҳиндустон ду бозии дӯстона анҷом дод. Дар бозии аввал наврасони Тоҷикистон аз дастаи мизбон бо ҳисоби 2:4 мағлуб шуданд. Бозии дуюм бо ҳисоби мусовии 0:0 хотима ёфт. Рақибони дастаи мунтахаби наврасони то 17-солаи Тоҷикистон дар қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026 рӯзи 12-уми феврал дар маросими қуръакашӣ маълум мешаванд.

***

«Истиқлол»-и Душанбе аз таъйини Виталий Левченко ба вазифаи сармураббии даста хабар дод. Виталий Левченко қаблан низ роҳбарии тими «Истиқлол»-ро ба уҳда дошт. Таҳти роҳбарии ӯ даста чемпиони Тоҷикистон шуда буд. Левченко се мавсими охир дар дастаи «Нефтчӣ»-и Фарғона фаъолият дошт ва ин дастаро дар соли 2025 ба унвони чемпиони Ӯзбекистон расонд.

***

5-уми феврал қуръакашии тақвими бозиҳои Чемпионати футболи Тоҷикистон-2026 миёни дастаҳои Лигаи олӣ баргузор мешавад. Дар 35-умин Чемпионати Тоҷикистон 12 даста - «Истиқлол», «Вахш», КМВА, «Равшан», «Хуҷанд», «Эскхата», «Регар-ТадАЗ», «Барқчӣ», «Ҳосилот», «Истаравшан», «Парвоз» ва «Сардор» ширкат мекунанд. Чемпиони феълии мусобиқа дастаи «Истиқлол»-и шаҳри Душанбе аст.




# 23-ЮМИ АВГУСТ

Солҳои 90-уми асри рафта дар шаҳри Хоруғ зиндагӣ мекардем ва бо ҷавонзани меҳрубоне бо номи Женя ҳамсоя шудем. Женя ва шавҳараш Шамил Ахмедзянов аз тоторҳои шаҳри Хоруғ буданд, ки замоне бобоҳояшон ба Бадахшон рафтаву сокини доимии он ҷо гаштаанд.

23-юми августи соли 1993 Женя духтарча ба дунё овард. Ба хабаргириаш рафтам. Шавҳараш бисёр шод буд. Гуфт, ки духтарашро ҳамноми модараш мекунад - Фотима ва 23-юми августи соли оянда бояд соҳиби писарча шаванд, ки номашро Воҳид хоҳанд гузошт. Ман ин суханашро шӯхӣ пиндоштам, аммо 23-юми августи соли 1994-ум онҳо ҳақиқатан ҳам соҳиби писарча шуданду номашро Воҳид гузоштанд.

Шамил боз қотеъона пешгӯӣ кард, ки 23-юми августи соли оянда соҳиби як духтари дигар мешаванд, ки номаш Амина хоҳад шуд. Дигар як соли дароз ҳамин суханаш дар ёдам монду боз моҳи августи соли 1995 Женя духтарча таваллуд кард ва номашро Амина гузоштанд. Аммо ин фарзандашон 23-юми август неву 8-уми август ба дунё омад. Ҳанӯз ба табрикашон нарафта будам, ки Шамил ҳамроҳи шавҳарам ба хонаи мо омад. Хеле оташин буд. Гуфт:

- Хоҳарам Раъноҷон, шумо ҳуруфи арабиро хонда метавонед. Ҳамин тӯморро хонед. Ба фикрам, худдоманам чӣ душмание ба ману духтараш кард, ки ин дафъа фарзандамон чанд рӯз пештар аз муҳлати таъинкардаи ман ба дунё омад.

Хандаамро базӯр ҷилавгирӣ кардаму гуфтам:

- Акаи Шамил, шӯхӣ мекунед, наход модар ба духтараш душманӣ кунад?

Гуфт:

- Мекунад, чунки вай намехост духтараш боз фарзанд ба дунё ораду азоб кашад. “Ба шумо ду фарзанд бас аст!” гуфта буд, лекин мо, ки гапашро нагирифтем, ӯ корашро кард.

Шамил изтироб дошт. Афзуд:

- Кампир хоҳад-нахоҳад, 23-юми августи соли оянда писарам Рауф ба дунё меояд.

Ҳамин тавр, 23-юми августи соли 1996-ум Рауф ба дунё омаду ман лолу ҳайрон мондам.

Ба табрики дугонаам шитофтаму пурсидам:

- Женя, гӯш кун, акаи Шамил чӣ асрор дорад, ки пешгӯияш сад дар сад рост мебарояд?

Женя хеле хандиду китф дарҳам кашиду гуфт:

- Рости гап, ман худам ҳам аз корҳои ӯ ҳайронам. Аммо ҳамин қадарашро медонам, ки Шамил пеш аз хонадор шудан бо ман зани олмонӣ доштаасту соҳиби чор фарзанд будаанд, ки ҳамаи фарзандонашон баъди яксолӣ, дар ҳамон як санаи муайян ба дунё омадаанд.

Ман ба Женяву ӯ ба ман ҳайратзада нигоҳ кардем. Намедонам чӣ илми ниҳоние дошт ҳамсояам Шамил. Ҳам занаш, ҳам ман, ҳам духтурони беморхонаи вилоятӣ, ҳам тамоми ҳамсояҳоямон аз пешгӯиҳои ӯ шигифтзада шудем.

**Раъноӣ МУБОРИЗ**

## БОТАРБИЯ

Муфаттиш дар толори суд:

- Қотил нафари ботарбия будааст.

Раиси суд:

- Чаро шумо чунин хулоса баровардед?

Муфаттиш:

- Чунки тамоми зарбаҳоро бо корд аз тарафи рости ҷабрдида задаасту бо чангак бошад, аз тарафи чапаш.

## ҲАҚИҚАТ

Аз зане пурсиданд:

- Чаро мӯйи сари фарзандони шумо сафед аст?

Зан дар ҷавоб:

- Ман ҳар шаб ба ҷои афсона ба онҳо ҳақиқатро нақл мекунам.

## СИГОР

Марде дар тарабхона сигор мекашад. Зане аз мизи дигар мегӯяд:

- Мебахшеду сигоратонро дар дигар ҷо рафта кашед! Дуди сигори шумо маро асабӣ мекунад!

Мард сигорро ба лаб бурда:

- Шуморо асабӣ кунад, маро мекушад...

## САБАБ

Писарча назди модараш омада, мегӯяд:

- Оча, бубин, мӯйи сарат сафед шудааст!

Модар :

- Барои он ки ту гапи маро гӯш намекунӣ!

Писарча:

- Ҳаа, акнун фаҳмидам, ки чаро мӯйи сари бибиям сап-сафед шудааст!

## ҚАДАҲ

Шавҳар ба хона телевизори нав меорад. Занаш мегӯяд:

- Мардак, чаро дар коғази телевизор расми қадаҳ кашида шудааст?

Мард дар ҷавоб:

- Барои он ки ман бояд харидани телевизорро қайд намоям.

## ИНШО

Омӯзгор дар дарси забони модарӣ аз хонанда мепурсад:

- Олимҷон, росташро гӯй, иншои туро кӣ навишт?

Хонанда дар ҷавоб:

- Муаллимаҷон, худам ҳам намедонам! Ман барвақт хоб рафта будам...

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

